НАШРИЁТИ
«АДИБ»



**ИСО РАҲИМ**

# Х А Н Д А И
# И Ш Қ



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Р-41

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Р-41 **Исо Раҳим. Хандаи ишқ** (маҷмӯаи шеърҳо). –
– Душанбе, «Адиб», 2010, 128 саҳ.

«Хандаи ишқ» китоби нави Исо Раҳим буда, фарогири ашъори солҳои охир эҷодкардаи муаллиф мебошад. Шоир тавассути каломи рангин садоқати бепоёнашро ба ёру диёр, манзараҳои зебову нотакрор ва фарзандони накӯкору номбардори Ватан ба риштаи тасвир кашидааст.

ISBN 978-99947-64-90-7

© Исо Раҳим, 2010

# ОФТОБИ ҶОВИДОН

Ҷаҳон бишнид овозам,
Навойи мавҷҳо созам,
Саросар олами розам,
Фалакро рашк ояд аз баландиҳои парвозам.

Зи ишқи кӯҳҳо аз синаи ҳар санг мерӯям,
Дили ҳар қатраро во кардаву аз нанг мерӯям,
Зи мавҷи набзи дарё аз навои чанг мерӯям,
Ба сад оҳанг мерӯям.

Шаби ҳар хона мисли рӯз мегардад зи нури ман,
Тамоми фасл чун Наврӯз мегардад ба сури ман,
Ба ранги сабз пайдо мешавад як баҳр – ҳури ман,
Шавад тавлид Тури ман.

Тавофам мекунад ҳафт осмон бо чашми ахтарҳо,
Маро ки зиндагиро нурборон мекунам чун олами боло,
Зи ҳар сангам ҳазорон офтобе мешавад пайдо,
Бирӯям аз дили фардо.

Дигар нерӯи барқи ман зи обам мешавад таъмин,
Дуои осмонро дасти мавҷи об кард омин,
Замин созад дигар ин баҳрро дар синаам сокин,
Бирӯяд лолаву насрин.

Барои тоҷикон як шаҳри нурафзо шавам охир,
Миёни кӯҳҳо як баҳри беҳамто шавам охир,
Ба ҳусни хештан тоҷи сари дунё шавам охир,
Ва худ рӯъё шавам охир.

Зи дасти родмардон чун дирафши Ковиён хезам,
Зи шохи сидраи аршам ба ранги Каҳкашон хезам.
Заминро ғарқи нуре кардаву то осмон хезам,
Зи хони ахтарон хезам.

Қасам, бунёд мегардам, дилам дар синаи халқ аст,
Қасам, бунёд мегардам, ки Вахш оинаи халқ аст,
Қасам, бунёд мегардам, ки дарё зинаи халқ аст,
Чароғон синаи халқ аст.

## НАБЗИ РОҒУН

Арш донад номи ман,
Офтоби Шарқ бошад боми ман,
Нури мавҷам, рӯз созад шоми ман,
Доғи сангам мепазад ҳар хоми ман,
Нест дар бунёди ман анҷоми ман,
Вахш зад дар ҷоми ман.

Номи ман хуршеди оламсӯз зад,
Панҷ ҳарфи рӯшани Наврӯз зад,
Нурро дар рӯз зад.

Чархи ман аз чархи гардун омадаст,
Вахши ман ҳамсони Ҷайҳун омадаст,
Аз ҳубобам нур берун омадаст,
Нур гулбун омадаст.

Савти сози ман суруди об гашт,
Ҳамнавои мавҷи ман Хингоб гашт,
Шабнишини оби ман маҳтоб гашт,
Набзи ман Сурхоб гашт.

Ҷони ман аз Вахши ман чун бӯ дамад,
Об бӯсад сангро нерӯ дамад,
Аз шарори санги ман сад ҷӯ дамад,
Нури ман Омӯ дамад.

Асри ҳозир дод овози маро,
Халқ омин гуфт оғози маро.

Борбад аз мавҷ зад сози маро,
Кӯҳкан медонад ин рози маро,
Зӯри парвози маро.

Норакамро ман чу ахтар карданӣ,
Барқи ӯро шамси ховар карданӣ,
Чашмаи хушкида Кавсар карданӣ,
Шабнами ҳар боғ зевар карданӣ,
Шедро ҳамрози кишвар карданӣ,
Дар фалакҳо хонаву дар карданӣ,
Хокро зар карданӣ,
Бойғозӣ ҳам тавоно мешавад,
Об дар Сарбанд боло мешавад,
Тоҷикистон тоҷи дунё мешавад,
Мулк доро мешавад.

## ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон нури истиқлоли ту,
Омад аз иқболи ҳар як соли ту.
Нағз омад фоли ту.

Осмон бахти сафедат офарид,
Пардаи шабҳои ғафлатро дарид,
Офтоби нав дамид.

Офтоби нав бароят сулҳ буд,
Нури онро ҷо намудӣ дар вуҷуд,
Иқтидоратро фузуд.

Нури ҳар ду дидаи ту ваҳдат аст,
Замзами ояндаи ту ваҳдат аст,
Зодаи ту ваҳдат аст.

Сад Бухоро рост кардӣ дар дилат,
Тоҷики олам биёмад маҳфилат,
Ҷамъ шуд обу гилат.

Оли Сомонат Душанбешин шудаст,
Осмони шаҳрро Парвин шудаст,
То абад сокин шудаст.

Бар ҷаҳон гӯӣ, ки дар сабки дарӣ,
Рӯдакӣ бар шоирон зебад сарӣ,
Гар ба шеъраш бингарӣ.

Ҷашн дорад ҳамраҳат халқи ҷаҳон,
Зодрӯзи Рӯдакии тоҷикон,
То забон монад ҷавон.

Рӯдакиро боғ додӣ, манзара,
Қад кашид ин ҷо чӣ зебо пайкара,
Шаҳр нозад яксара.

Пойтахтат шуд биҳишти ин замин,
Сидраи[1] вақт аст дар арши барин.
Дидаҳоро шуд нигин[2]

Нурхезият раҳи Анзоб сохт,
Дидаи Анзобро беоб сохт,
Нақбро бехоб сохт.

Дӯстӣ ин нақби дунёро кушод,
Тоҷику эронӣ бунёдаш ниҳод,
Халқро бинмуд шод.

Роҳи дилҳо ном додаш халқи ту,
Синаҳоро гарм созад гуфтугӯ,
Ранҷ орад обрӯ.

---

[1] Дарахте дар арш.
[2] Нигин – мардумаки чашм.

Роҳи оҳан то ба Ёвонат расид,
Хони неъмат чун зи Қӯрғонат расид,
Мадҳи давронат расид.

Аз гиреҳи роҳҳо берун задӣ,
Дар кушоди ҳар гираҳ нохун задӣ,
Сохтан қонун задӣ.

Аз миёни кӯҳсору ағбаҳо,
Рафт чун ҳамвор мошин роҳҳо,
Нақлу ҳамли борҳо.

Барқхона кардаӣ ту Вахшро,
Дар кушоӣ боз садҳо нақшро,
Ром кардӣ Рахшро.

Файзи Истиқлоли ту чун чашмасор,
Аз дили ҳар санг ҷӯшад нуру нор,
Ҳамчу Норак нурбор.

Тоҷикистон нури дарёҳои ту,
Офтоби хонаи дунёи ту,
Ваҳдатӣ, яктоӣ ту.

## ИМОМИ АЪЗАМ

*Адабгоҳест зери осмон аз арш нозуктар,*
*Нафас гум карда меояд, Ҷунайду Боязид ин ҷо.*

**Иззати Бухорӣ**

Аъзамо чун ақли олам омадӣ,
Чархро Имоми Аъзам омадӣ,
Мисли ту кам омадӣ.

Офтоби мазҳаби суннат туӣ,
Осмони равзаи ҷаннат туӣ,
Аршро зинат туӣ.

Аз Алӣ омад дуои сабзтоб,
То ҷадат хушбӯй гардад чун гулоб,
Ин дуо шуд мустаҷоб.

Об додӣ фикҳро аз дидаат,
Чун дарахти меваи ночидаат,
Во шуда печидаат.

Илм гавҳар буд, дарё кофтӣ,
Чун ғавосе дурро дарёфтӣ,
Гарчи умрат бохтӣ.

Хатми Қуръону намозат нозанин,
Осмонро нур додӣ аз ҷабин,
Ахтарӣ дар ин замин.

Ин башорат аз Муҳаммад гӯш кун,
Ҳафт чархи осмон хомӯш кун,
Замзами ҳақ нӯш кун.

Дар Сурайё илм бошад гуфт ин:
Форсмардум орадаш то бар замин,
Нури имонро бубин.

Аъзамо, ту мӯъҷизи пайғамбарӣ,
Фикҳро дар илмҳо додӣ сарӣ,
Ҳам ибодат шуд дарӣ.

Иҷтимоъат бас ҷамоат ҷамъ кард,
Тавҳади аллоҳро чун шамъ кард,
Даркро хуштамъ кард.

Ишқ гуфтӣ, ки наҷоти одамист,
Ишқ аллоҳ аст бе ӯ тан тиҳист,
Ин ҳама аз огаҳист.

Шоҳбози мазҳаби воло туӣ,
Ту зи аршӣ, Сидраи Аъло туӣ,
Ваҳдатӣ, якто туӣ.

Маснади фиқҳи ту бас олам гирифт,
Моли олам на, дили одам гирифт,
Аз Араб то Ҷам гирифт.

## НАБЗИ РОҲ

*Барои Ошӯрмуҳаммади Нохон –раиси ширкати муштараки афғон –тоҷик ба номи «Бадахшон», мардест ҷонсупор дар роҳи густариши равобит миёни Тоҷикистон ва Афғонистон.*

Замин об додӣ, баҳорӣ, баҳор[1]
Чу солию фаслӣ чаҳору чаҳор.
Ба сӯҳбат бихандӣ, чу гул рангрез,
Ба ҳар шохи дониш чу булбул ба хез!
Зи ҷоми нигоҳат ҳама масти кор,
Маи ақли ту дар шикасти хумор,
Чу оина дидӣ ҷаҳонро ба дил,
Чу ёқут рахшӣ дар ин обу гил.
Матои заминро ту ранге базеб,
Чу тақдир дидӣ фарозу нишеб.
Задӣ дар тиҷорат чу гоме баланд,
Ниҳодӣ қадам рӯи доме баланд.
Бадахшон кашад лаъл агар з-офтоб,
Зи хуни ҷигар шуд туро лаъли ноб.
Матое надорӣ ба ҷуз дӯстӣ,
Ба тоҷик ҷонӣ, ба як пӯстӣ.

[1] Ба ҳамин наздикӣ шунидам, ки Нохон аз дунё даргузаштаасту тани поки ӯро хоки Афғонистон ба оғӯш гирифтааст.

Бигӯӣ, ки дорам ду ҷодуи дил,
Душанбею Кобул ду бозуи дил.
Ду дил як тариқат бари ориё,
Ба хуршед сояд сари ориё.

## СИТОРАПАР

Рустоям шуд дилам сӯят кашол,
Чун дили тифле, ки аз модар ҷудост.
Кулбаи бобоиям фарсуда шуд,
Манзили ӯ мисли гӯре зери пост.

Чашмаи оби равонаш раҳ ба раҳ
Гӯиё аз рафтагон ҷӯяд нишон.
Чун шунидам нолаи танбӯри бод
Ёдам омад Абдураҳмон ин замон.

Ҷӯр мешуд Овпар бо нағмааш,
Ашк дар яхпораи чашмаш ниҳон.
Боди сарди тирамаҳ чун найнавоз
Нола мекард аз найи барги хазон.

Файзобод, осмони равшанат
Тор шуд аз кандани ду ахтарат.
Дӯстмарду[1] Абдураҳмон ҳар ду ҳам
Ҳамчу ашке рехт аз чашми тарат.

Оламе аз шеъри Ҳикмат ёд дошт
Машриқу Мағриб Ҳомераш бихонд.
Як ҷаҳони маънавиро бин, фалак
Ҳамчу гарде дар дили хокаш нишонд.

---

[1] Дӯстмард – ҳофизи мардумии Тоҷикистон Дӯстмурод Алиев дар назар аст. Абдураҳмон –танбурнавози машҳури Файзобод буд.

## БОЗ ЧУН ЧӮБИНА АЗ РАЙ ОМАДАМ

Ман навоям, аз азал най омадам,
Шӯр дар сар, масти бемай омадам.

Ҳар саҳар чун субҳ мерӯям зи худ,
Пурсам аз хуршед, ки кай омадам.

Тан агар тор аст шеърам чун навост,
Ман намирам, чунки бо вай омадам.

Сангҷонам, санг зан, эй зиндагӣ,
То шарорам хезад аз пай, омадам.

Як замоне сафшикан ҳам будаам,
Боз чун Чӯбина аз Рай омадам.

## СОЗИ МАН АЗ СӮЗ МЕГИРАД НАВО

*Барои Зиё Абдулло*

Ҳар гаҳе, ки ҷӯр созам сози дил,
Мешавад хунёгар аксандози дил.

Захмае бар тори оҳе мезанам,
Бодаи ҷоми нигоҳе мезанам.

Чанги Зӯҳра бар кафи ман омада,
Чархи гардун чун дафи ман омада.

Дилбарони осмонӣ –ахтарон,
Бо забони одамӣ, андар забон,

«Ишқро аз хокиён омӯхтем.
Дар фазои бевафоӣ сӯхтем».

Сози ман аз сӯз мегирад ҳаво,
Тори ман аз рӯз мегирад наво.

Нолаи ман зиндасози хоки ман,
Ҳазрати Одам абои поки ман.

Савти созам дар ҳаво Довудрез,
Парфишон аз ҳастии нобудхез.

Дастафшони навои Рӯдакӣ,
Дил бубин дар синаам чун кӯдаке.

Ҳазрати Иқболи пири Шарқро,
Дар рагам пайваста ҳамчун барқро.

Сохтам ман ҳамнавои сози дил,
Оламе бар ман кушод аз рози дил.

Дарди халқ омад, ки сӯзад ҷони пок,
Дил чу осоид шуд як мушти хок.

То сухан аз тори дил орад наво,
Захмаи дил шӯхтар з-оҳанги мо.

Мутриби дил аз навои Борбад,
Гӯши ҷонро зад ҳавои Борбад.

Ҷуз навоям дар ҷаҳон овоз нест,
Дар замину осмон ин соз нест.

Канда гар тори нафас гардад даме,
Сӯгворӣ мекунад з-ин оламе.

Сурхези олами ман сози дил.
Дарду бедардии ман овози дил.

Шоирӣ дар пардаи чанги ман аст
Мисраи ман дар чаман ранги ман аст.

Як ҷаҳон оҳанг дар тори вай аст,
Ҳам рубобу чангу ҳам сӯзи най аст.

Сӯхтам аз сӯзи номи Мавлавӣ,
Сохтам дилро чу сози маънавӣ.

## КАҲРАБОИ МЕҲР

Шаб миёни осмони пурҷило,
Мепаридам, чашм бар сӯи само.

Дастаи нуре миёни осмон,
Буд гӯё мурғи ҳақ дар Каҳкашон.

Гӯиё кавкабшуморӣ дошт ӯ
Бар замин исторaҳо мекошт ӯ.

Мурғи ҳақ не, мурғ будӣ оҳанин,
Аз куҷо? Аз сарзамини Украин.

Ӯ мани дур аз Ватан афтодаро,
Ӯ мани дар зиндагонӣ содаро.

Мебарад сӯи Ватан, сӯи диёр,
Сӯи модар, сӯи ёри интизор.

Мисли ёдам гашта дар парвоз ӯ,
Қаҳкашонро карда пойандоз ӯ.

Чашми Зӯҳра лаҳза-лаҳза сӯи ман,
Орзӯяш буд бинад рӯи ман.

Ё ҳамин дил майли Зӯҳра дошт, не,
Ё ки тухми меҳри Зӯҳра кошт, не.

Ёди модар дар сари худ доштам,
Шеъри модар менавиштам бо алам.

Осмон чун баҳри нопайдоканор,
Нур – киштиро гирифта дар канор.

Буд гӯё он замон дунёи ман,
Киштие чӣ? Он фалакпаймои ман.

Тезтар аз бод арчи мепарид,
Синаҳои абрҳоро медарид,

Лек дил мехост з-он ҳам тезтар,
Тезпарвозӣ кунад, он тезпар.

Дида сӯи зодгоҳ медӯхтам,
Дил, ки оташ гашта буд, месӯхтам..

Киштии мо бар замин наздик шуд,
Ҳамсадои мардуми тоҷик шуд.

Оташе, ки даргирифтам, сӯхтам,
Дида бар раҳ –сӯи модар дӯхтам.

Сӯи он марзе, ки ранги Қаҳкашон,
Мефурӯзад рӯҳу роҳи ошиқон.

Сӯи он марзе, ки шаб рӯз аст, рӯз,
Осмони пурчароғаш худфурӯз,

Сӯи марзе, ки шудам тавлид ман,
Шод мегаштам ба ҳар маврид ман,

Омадам бар роҳи худ назди дарам,
Сӯи ман бикшод дарро модарам.

Рӯи модар дар дилам шуд офтоб,
Қуввае з-ин ёфтӣ ҷони хароб.

Рӯз гардид аз нигоҳаш шоми дил,
Баски пур аз меҳри модар ҷоми дил.

## БОДАИ ЛАБ

Иди қурбон иди ом аст,
Иди мо гардиши ҷом аст.
Бодаҳое дар лаби туст,
Бодаи лаб кай ҳаром аст.
Соз мастам, то бигӯям,
Пири риндонро чӣ ном аст.
Гар набошад пухта ҳамдил,
Бодаи садсола хом аст.
Ғам махур аз буду нобуд,
Буду нобуд нотамом аст.
Чист мардӣ, пурс аз мард,
Довари гардун ғиром аст.

## НАФАСВОР «ҚОНУН» ЧУ СИНО ШУДА

Суханро ба вазни сухан оварӣ,
Бигӯям равонро ба тан оварӣ.

Тарозу кашӣ бар кафи ростӣ,
Бирӯӣ фақат аз сафи ростӣ.

Равон гар надорад хирадро рафиқ,
Ба гирдоби ваҳме бимонад амиқ.

Бигӯӣ, ки ваҳм аст тӯфони ҷон,
Хирад боди хубе ба баҳри равон.

Чу Фиръавн бинӣ ту деви раҷим,
Хирад нест созад варо чун Калим.

Ба Қоруни ҷоҳат наболӣ агар,
Чу шабнам битобӣ зи чашми саҳар.

Нигар, аз нигоҳат нигаҳ рехта,
Ба мижгон-т ашке зи ғам бехта,

Нафас аз шифоӣ Масеҳо шуда,
Нафасвор «Қонун» чу Сино шуда.

Дарахте бидонӣ тани одамӣ,
Чу дардаш бигирад, бигирад замӣ.

Чу ғаввос аз решҳои дарун,
Ба идрок решаш биёрӣ бурун.

Нигоҳат забони забони равон,
Ҳаме роҳ ҷӯяд ба ҷони забон.

Аз он дард ояд ба гуфтори хеш,
Гираҳ риштаворе чаро зад ба реш.

Зи Тусӣ сухан дар миён оварӣ,
Ба ҳикмат ниҳонро аён оварӣ.

Ба фарёд ояд дилат з-ин сабаб,
Қалам об гирад, кушояд ду лаб;

Чу Заҳҳоки дарде дарунӣ бувад,
Ҳама узвҳои ту хунӣ бувад.

Замину ҳавоят фишор оварад,
Ниҳоли бадӣ чӯби дор оварад.

## ДАФТАР

*Барои Мамлакат Зубайдова*

Рӯи ту аз барги гул нозуктар аст,
Дида аз доғи писар аммо тар аст.
Донаҳои ғам ба бози дил мадеҳ,
Дор шодаш, ханда чун болу пар аст.
Нағз донам, хоҳарам, ғамҳои ту
Гар ниҳӣ бар кӯҳ ҳолаш абтар аст.
Рафтагонро шукр бинмо, рӯҳашон,
Ҳар яке бар равзаи ризвон дар аст.
Дарди одамро набардорад замин,
Он чи монад бо ғами мо дафтар аст.

## ОЗОД ЗӢ!

*Эҷдо ба Мирзобек*

Номи ту дар зиндагӣ то сабт баст,
Меҳри одам аз дилу ҷонат нараст.

Зиндагӣ аз нақши дастат ранг баст,
Хомӯшии зиндагӣ оҳанг баст.

Борбад аз сози панҷаҳ мезанад,
Сабз андар сабз ҳар гаҳ мезанад.

Хома зад ин ҳарфро, ки шод зӣ,
Чун хаёли шоирӣ озод зӣ!

## ЧАРОҒИ АҲДУ ПАЙМОН

Ҳавояш маст буд аз накҳати хок,
Қадаҳ мерехт бар кафҳо раги ток.

Фалак чун чатри боронӣ ба сар буд,
Нигаҳ аз меҳр бар дилҳо чу дар буд.

Ҳама саҳро саросар хони неъмат,
Чи хоне решааш дар хоки неъмат.

Ба ҷумҳур рафт нури муждаи кор,
Ба боли офтоб ин ҳарф такрор;

Ҳазорон хирмане сар бар фалак рафт,
Либоси пахтагин бар тан малак рафт.

Ба тамкин сарбаландӣ ёфт деҳқон,
Кафи абраш ҷаҳонро гашт борон.

Заминҳо аз нигоҳаш ганҷовар,
Зи хоки ӯ бирӯяд шамси Ховар.

Чароғи нони гандум рехт нуре,
Ҳама аз ганҷи заҳмат дар ҳузуре.

Парафшон мурғи дил дар синаи сулҳ,
Дурахшад кишварам –оинаи сулҳ,

Дару девор дар нури муҳаббат.
Замин то осмон сури муҳаббат.

Зи набзи роҳбар то зарраи хок,
Шудандӣ якнаво аз роҳи идрок.

Дигар раҳ ин ҳақиқат боз гардид,
Калиди ганҷи дунё роз гардид:

Агар нон аст дар ҳар дида нур аст,
Агар хон аст дар ҳар хона сур аст.

Калиди сози деҳқон ин наво зад:
«Дами ман зар диҳад, гар ҳар куҷо зад»

## НАВОИ СУРХОБ

*Барои Ҳофизи мардумии Тоҷикистон*
*Суннатулло Раҳматулло*

Тор мерақсад чу дилбар аз нигоҳи ҳофизӣ,
Мерасад бар осмон пайваста оҳи ҳофизӣ.
Рӯдакӣ ҳар соату ҳар рӯз ҳамроҳи ман аст,
Шеърро бар тахти дил биншонд шоҳи ҳофизӣ.
Дар сухан пайғамбарӣ гар чанд тан дарёфта,
Кас нагӯяд ҳамчу Ҷайҳун шеър гоҳи ҳофизӣ,
Гар наҷӯшад завқи шоир, ҳарф ҳам санги раҳ аст,
Мавҷи Варзоб аст дар гармии роҳи ҳофизӣ.
Раҳматуллоҳи азизам, Сорбоғат пешкаш,
Чорбоғи ҳусн кардӣ барги роҳи ҳофизӣ.
Кобулӣ сабзонда буд ар мулки худро як ваҷаб,
Як ваҷаб сабзон ту ҳам ин ҷойгоҳи ҳофизӣ.
Исиё, Сурхоб мехонад ба гӯшат ин саҳар:
Нури дигар медиҳад ҳар дам пагоҳи ҳофизӣ.

## ЧУ Ӯ ИМРӮЗ ТОБЕИ СУХАН КУ!?

*Дар ёди Мутеъулло Наҷмиддинов*

Чароғи маҳфили аҳли сухан ку?
Чаманзори суханро он чаман ку?
Фазои боли парвозаш адаб буд,
Ҳавои тозаи ақли Ватан ку?
Лаби килкаш ба Ширин шир медод,
Ҳама нолад аз он ки Кӯҳкан ку?
Садаф дил дошту дилро гавҳаре буд,
Ба Вахши ҳарфҳояш ғутазан ку?
Хирад аз осмон ояд чу нуре,
Дареғ аз мо, ки нури анҷуман ку?
Ба хок афтод наҷмаш, эй дареғо,
Ки дар зери замин афрӯхтан ку?
Нигоҳаш ҷом бо Хайём медод,
Кафи токи нигоҳи мавҷзан ку?
Агарчи рафт, номаш ҷовидон аст,
Дар ин мотамсаро овози ман ку?
Хато кардам, сухан марге надорад,
Чу ӯ имрӯз тобеи сухан ку?

## ҲАМА РОЗ АСТ ОВОЗАТ

*Барои Нигина Амонқулова*

Ҳама нур аст рухсорат,
Баромад офтоби ту!
Нигоҳат май, ҳама масти шароби ту.

Агар роз аст овозат,
Навои ҷон бувад созат,
Фазои синаҳо шуд боли парвозат.

Гули боғи Ватан ҳастӣ,
Муаттар мекунӣ ҷонро,
Ба савти ноз Кавсар мекунӣ ҷонро.

Туро ман чашма мехонам,
Суруди обиат ҷон аст,
Чу кабки савти ту аз обшорон аст.

Басе ки сода мехонӣ,
Дили озода мехонӣ,
Ба боли килки Турсунзода мехонӣ.

Чу чашми шабнаме покӣ
Бароят шед меояд,
Раҳи овози ту испед меояд.

Дуои модарат ин буд:
Чу дарё шӯр ангезӣ,
Зи дилҳо Вахшосо нур бархезӣ.

Дили халқ аз дилат рӯяд
Нигина, эй парии ишқ,
Тараннум кун ба афсуне сафои дилбарии ишқ.

## КУШО

Қуфли банди дил ба мифтоҳи сари зулфат кушо,
Ин ҷаҳон аз дил фурӯ афшон, дари зулфат кушо.
Абри мӯят осмони дидагонамро гирифт,
Офтоби рӯй бинмо, чодари зулфат, кушо.
Дасту пои дил, ба печу тоби гесӯ банд монд,
Обшори мӯи раҳ, бо ахгари зулфат кушо.
Шеър хоҳам ҳамчу байти абрӯвонат сабзу тар,
Шеърбӯсе аз ту хоҳам дафтари зулфат кушо.
Бо ту хоҳам бар замин орам самои ишқро,
Бош бо ман чун хаёли ман, пари зулфат кушо.

## ЯҒМО

*Дар Хуҷандшаҳр пайкараи Камоли Ҳуҷандиро китобе дар даст офаридаанд ва шабе он китобро, ки биринҷӣ буд, ба ягмо бурдаанд.*

Сир бо ман он замон ҳарфе назад,
Сӯҳбати гарме набудӣ, ки пазад.
Дар лабонаш як баёни гарм не,
Дар тани афсурда ҷони гарм не.
Дасти мавҷаш аз раги хун бехабар,
Дар ҳубоби соҳилаш не чашми тар.
Лек ногаҳ аз забони мавҷи ӯ,
Кард равшан санг аз ово гулӯ.
Ҳар сухан мерехт бо ранги дигар,
Мавҷ мезад Сир бо хуни ҷигар:
Шоире к-ӯ ҳар нигоҳаш ахтаре,
Шаҳр омад дар забон ҳарфи дарӣ.
Дар либоси шеър ҳайкал гашт ӯ,
Як ҷаҳони пӯштаву тал гашт ӯ.
Дар нигоҳаш Ҳофизи Шероз буд,
Осмон бо шеъри ӯ ҳамроз буд.
Дошт дар дасташ китоби Сирхез,
Офтоби сатрҳояш нуррез.
Гуфт, мегӯянд ин ҷойӣ наям,
Гар, Хуҷандӣ на, куҷоиям, киям?
Як шабе аз пайкарам монанди дуд,
Дасти ғорат гӯиё Муғам рабуд.
Аз ҳамон дам дар лабонам ханда нест,
Дар нигоҳам, дар баёнам ханда нест.
Сатри ҳар як мавҷи ман дар чанг монд,
Чун шароре дар раги ҳар санг монд.

## ИД АСТ

Ид асту дари кишвари мо бар ҳама боз аст,
Пайваста само сӯи заминаш ба намоз аст.
Имрӯз ба ҳар хона дигар нур дароянд,
Монанди шаби қадр Ватан равшани роз аст.
Ҳар сина ту гӯӣ ки шуда чашмаи софе,
Ҳар мард ба тамкинш ҳамон кӯҳи фароз аст.
Сулҳ аст чу ҷон дар бадани миллати тоҷик.
Ӯ зиндагиро Борбади нағмаи соз аст.
Сад роҳ дар ин кишвари худ боз намудем,
Шодии раҳи умри абад дуру дароз аст.
Ҳар рӯз равам аз раҳи Мавлои Душанбе,
Рӯҳам ба дари Яъқуби Чархӣ ба намоз аст.
Тоҷики ҷаҳон ёфт ватан дар Ватани мо,
Ин боғи муҳаббат ба нумӯяш, ки ниёз аст.

## ДАР САЙРИ «БӮСТОН» МЕШАВАМ

Аз май парешон мешавам,
Чун боди Афғон мешавам.
Мастӣ агар туғён кунад,
Ҳаллоҷи даврон мешавам.
Ҳарфи баде гар бишнавам,
Дарёи Вахшон мешавем.
Бинам лабони хандарез,
Ҷони гули ҷон мешавам.
Бори дигар о, Носирам,
Сӯи Бадахшон мешавам.
Аз пуштаҳо бар пуштаҳо.
Дар ғори Юмгон мешавам.
Эй Саъди Салмонам биё,
Бо ту ба зиндон мешавам.
Саъдӣ биёяд аз сафар,
Дар сайри «Бӯстон» мешавам.

Соқӣ маи боқӣ бидеҳ,
Масту ғазалхон мешавам.
Дармон наёбад ҳар касе,
Исои дармон мешавам.

## ШЕВАНИ ШУБОНИ ПИР

Ман раммае надорам, ҷуз раммаи ду дида,
Аз ҳар қадам ҳаросам, чун ашки ночакида.
Мижгони шаб ба дида рӯзам сиёҳ карда,
Оҳуи офтобам аз осмон рамида.
Хоб аст дар дили ман чандин ҳикояти най,
Андар гулӯи боям сад нағма нокашида.
Дарёи солҳоям чун ашки тарсхӯрда,
Хушкид ё ки онро хуршед бармакида.
Имрӯз нои сина чун бӯи гул наҷӯшад,
Чунки зи пардаи дил хуни садо чакида.
Дар банд–банди боям сад дард нола дорад.
Ҳар як чу мор бошад, аз нои дил хазида.

## ЧАШМИ БИҲИШТӢ

Чун мавҷ беқарорам, аз шӯри ҷоми чашмат,
Дар дасти мавҷ ларзад, овози номи чашмат.
Ин арш саҷда орад, дар пеши хоки поят,
Хуршед аз баландӣ ояд ба боми чашмат.
Хор аст пеши чашмат, дунёи гулситонҳо.
Ин дил ба ваҷд гӯяд: омад аёми чашмат.
Наврӯз дар ҷамолат, шаҳбози ин хаёлат,
Сармаст менамояд ҷоми паёми чашмат.
Занҷири зулф бикшо, аз банд банди ҷонам,
То ҳамчу нола хезам озоди доми чашмат.
Чун чашми шед покӣ ҷоми даруни токӣ,
Ҳар хом пухта кардӣ, ин буд коми чашмат.

Аз дидаи баҳиштӣ, эй нури ман, маронам.
Оҳуи дидаи дил гаштаст роми чашмат.
Доранд аҳли олам бар хеш қиблагоҳе,
Аз баҳри Исӣ арше, ёрам, мақоми чашмат.

## МАН НАВОЯМ

Ман навоям, аз найистон омадам,
Саъди Салмонам, зи зиндон омадам.
Чун Ҳилолӣ ғарқаи хунам ҳанӯз,
Аз миёни сангборон омадам.
Ҷо намеёбам дар ин дунёи дун,
Носирам, аз ғори Юмгон омадам.
Водии ҳар сатри кишти вақтро,
Мавлавии мавҷи Вахшон омадам.
Дар адои розҳои маънавӣ,
Ман чу Иқболи сухандон омадам.
Ҳофизам кардаст масти ҳар ғазал,
Аз раги токи азизон омадам.
Ин Душанбе сад Бухоро гашт боз,
Ман чу devори Хуросон омадам.
Шоҳ Абоиброҳим омад байни мо,
Гуфт: ман аз оли Сомон омадам.
Хомаам бахшид теғи Бӯалӣ,
Исиам, аз баҳри дармон омадам.

## ЭЛОК

Овпар[1] бар сар кашида чун кулаҳ афлокро,
Чашмаҳояш Одами дигар бисозад хокро,
Тиракаш аз бодҳо поку намозӣ гаштаанд,
Лек себаш маст созад аз нигоҳаш токро.
Ашки шеърам аз нигоҳи абр омад ин саҳар,
Шуст рӯи пур зи гарди деҳаи Элокро.

---

[1] Овпар – кӯҳест дар деҳаи Элоки ноҳияи Файзобод.

Чун гирифтам қатрае аз чашмаи Элок гуфт:
«Дар вуҷудат рехтам ман оҳи оташнокро».
Нолаи дарёи Элок аст з-оҳи ман баланд,
Ошно созад ба ҳам ҳар мавҷи пур аз чокро.
Кай шавад ҳубби Ватан аз синаи дарё бурун,
Дар бағал чун ӯ нагирад кас хасу хошокро

## ҒАЗАЛИ ВАТАН

Аз шаби ғам дур бошӣ Тоҷикистон – ҷони ман,
Офтобию барои ҳар саҳар аз хони ман.
Осмон ҳар шаб паи ту номаи нур оварад,
Аз замини ту бирӯяд шеъру аз чашмони ман.
Эй Душанбе, сад Бухоро гар бисозӣ дар бағал,
Посбони боғу роғат дидаву мижгони ман.
Як замон чун мавҷи дарё мешикастам хешро,
Дар низом омад зи Раҳмон чун замин сомони ман.
Обу хоки ин Ватан аз мушку анбар хуштар аст,
Ҳар ниҳоли Тоҷикистон домани райҳони ман.
Базм дорад мавҷи булбул дар бари гулзори шеър,
Нест аммо чун Қаноат ошиқи даврони ман.
Аз наи килкам навои Зӯҳра омад ин саҳар,
Шеър чун сабза бирӯяд аз суханборони ман.
Беҳаво аз боди шеъри Рӯдакӣ ман зиндаам,
Гардани шед аст зеби шабнами марҷони ман.

## ДАР СӮГВОРИИ АТО МУҲАММАДҶОНОВ

Дунёи ҳунар рӯй ба дунёи бақо рафт,
Он кӯҳи тану ҷони садо саркалапо рафт,
Синои гираҳ рӯи кафи саҳнаи мо рафт,
Сӯҳроби сари асп сари аспи хато рафт,
Сад нақш бибозиду ба як нақши қазо рафт.

Аз синаи ӯ дил, ки шараргуна ҷаҳида,
Домони дил аз дард ба ногоҳ дарида,
Он мурғи қафас аз баданаш рост парида,
Чун ашк дар он лаҳза зи мижгонтш чакида,
Он нури басар сӯи Худо, сӯи Худо рафт.

Сад боғ дар он рӯз хазон гашт ба як бор,
Бигрист аз ин шӯълаи мотам дару девор,
Ҳам Муғ биларзид ба худ ҳамчу азодор,
Ҳар хишт дар он гашт сухангӯи забондор,
Ҳар зарра кафе гашту барояш чу дуо рафт.

Аз сози сухан нола ба ҳар ранг баромад,
Бигрист қалам ашк зи ҳар санг баромад,
Овози азо аз даҳани чанг баромад,
Аз синаи ман нолаи беҳанг баромад,
Мардум ҳама донед, ато рафту Ато рафт.

## ШУКӮҲ

*Ба ёди Сотим Улуғзода*

Қаламтасвир бар «Шаҳнома» бигрист,
Ҷаҳон донад, ки ин мӯъҷиза аз кист.

Фурӯ рафт ӯ ба ранги хомаи дил,
Чу «Фирдавсӣ» биёмад номаи дил.

Ба румони ҳақиқат Тусӣ омад,
Қалам дар дасти он Фирдавсӣ омад.

Варақ чун мавҷи Арвонрӯд дода,
Зи ғирболи нигоҳаш ҳарф зода.

Зи «Фирдавсӣ» гирифта Даҷлахезӣ,
Ҳақиқат теғро монад, ба тезӣ.

Араб то Тайсафунро Карбало кард,
Ба Рустам саҷдагаҳро зери по кард.

Чу ашке Тоқи Кисро рехт аз чашм,
На, Эрон, балки дунё рехт аз чашм.

Садои «Шоҳнома» ҷовидон аст,
Чаро ки рӯҳи Фирдавсӣ дар он аст.

Ба рӯҳаш рӯҳи Фирдавсӣ бубинам,
Шукӯҳи кӯҳи Фирдавсӣ бубинам.

## ДЕВОРИ ВАТАН

*Эҳдо ба полковники Артиши миллии Тоҷикистон*
*Бекмуҳаммад Шукуров*

Эй Муҳаммадбеки афсар, дӯстам, ёри Ватан,
Нест осон ин қадар бардоштан бори Ватан.
Оташе ҳамчун Сиёвуш аз кафат гул мекунад,
То навозад пои дилро сабзаи нори Ватан.
Ахтарон гӯянд ҳар шаб дар ҳаққи ту ин сухан,
Дар нигоҳи мо дурахшад чашми бедори Ватан.
Тоҷикистонро ҷигарбанд аст фарзандони ӯ,
Такя дорад шонаашро чун ба девори Ватан.
Гаҳ сари сабзе бисӯзад аз забони сурхи рост,
Ҳамчу дида ҳифз созӣ дар сар асрори Ватан.
Олам омад Тоҷикистон бо забони Рӯдакӣ,
Гуфт: дар ғурбат набинам ҳеҷ гаҳ хори Ватан.
Аз Зиёи[1] нури шеъру аз «фалак» – този суруд,
Дар замират хуш бинозад нағмаи тори Ватан.
Ибрате дорад ҷаҳон дар ростӣ аз офтоб,
Дар раҳат чун чарх гардӣ дар ҳама кори Ватан.
Боз неҳ хишти суханро, Исиё аз дӯстӣ,
Такя созад дил ба ту ҳамчун ба девори Ватан.

---

[1] Шоир Зиё Абдулло дар назар аст

## ПАЁМИ СУЛҲ

Бар ҷаҳон аз Тоҷикистон меравад овози сулҳ,
Буд дар ҳар дидаву дил чашмаи оғози сулҳ.
Дар ҳама суру тарабҳо бас суруд андохта,
Ин навои зиндагии сурхези сози сулҳ.
Ҳар саҳар аз дидаи шабнам бирӯяд офтоб,
Сурмаи овоз дорад партави парвози сулҳ,
Чун арӯси бахти тоҷик тахти армон омадаст,
Тоҷдорӣ аз адаб дар сурати шаҳбози сулҳ.
Парчами мо нури ахтарҳост бар боми Ватан,
Чарх дар ҳар гардишаш гӯяд ба мо ин рози сулҳ,
Нурборон аст дар ҳар хонаву дар ростӣ,
Ҷо наёбад дар миёни халқи мо ғаммози сулҳ,
Тоҷикистон, дар барат омад арӯси сулҳ боз,
Месазад дар хонаи чашмат бимонад, нози сулҳ.
Бо рубоби вақт мегӯяд суруди зиндагӣ,
Гӯш бинмо чун занад нохуни Исо сози сулҳ.

## БАҲОРИ НОЗ

Чи хуш Барноз меоӣ,
Баҳори ноз меоӣ.

Даҳон кони шаккар бошад,
Ду лаб ҳалвои тар бошад.

Шабони ту ҳама нур аст,
Ва нур аз ту сари сур аст.

Арӯси ҳусни Наврӯзӣ,
Аё шодӣ, ки ғам сӯзӣ.

Чу хоби рафта ноёбӣ,
Биё, мирам, зи бехобӣ.

Ба покӣ, қатраи обӣ,
Ба мастӣ бодаи нобӣ.

Чи хуш Барноз меоӣ,
Баҳори ноз меоӣ.

## ҶОНИ ИҚТИСОД

Раҳбарӣ осон набошад дар замони иқтисод,
Бас ҷигарҳо хун шавад аз баҳри нони иқтисод.

То нагардад пои дил аз доғҳо чун лолаҳо,
Аз куҷо алвон бигардад рӯи хони иқтисод.

Осмон таъзим созад, ки замин обод дор,
Аз ҷабинат роҳ гирад Каҳкашони иқтисод.

Килк метозад ба рӯи дафтарам шаб то саҳар.
Дар хаёлам моҳ метобад чу нони иқтисод.

Ашки гандум аз нигоҳат рехту гулзор гашт,
Хок зар шуд аз табассумҳои дони иқтисод.

Об додӣ бас заминат аз арақҳои ҷабин,
Ҳар хати пешонии ту оброни иқтисод.

Исиё, аз осмон беранҷ н-ояд фоида,
Дар дили бозор бошад, набзи ҷони иқтисод.

## ОВОЗИ ТУРСУНЗОДА

*(Ситоиши аҳли заҳмати ноҳия)*

Саҳрост пуртарона аз сози Турсунзода,
Хуш гӯш менавозад овози Турсунзода,
Бо ёр-ёр омад гулбози Турсунзода,
Дар дида ноз дорад парвози Турсунзода,
Ҷорист дар забонҳо эъҷози Турсунзода.

Дарёи гавҳар омад бо шоху барги пахта,
Дар кӯракаш зар омад бо шоху барги пахта,
Табрик ахтар омад бо шоху барги пахта,
Ин ҳарф бар сар омад бо шоху барги пахта,
Анҷом ҳам надорад, оғози Турсунзода.

Деҳқони субҳхезаш чун субҳ тозарӯй аст,
Андар ҷабини кораш сад нома ҷустуҷӯй аст,
Обичазори дасташ дар ҷӯши гуфтугӯй аст,
Табъи равони заҳмат ӯро зи хӯи ҷӯй аст,
Аз шеър пар кушояд шаҳнози Турсунзода.

Ганҷ аст ин заминро аз хандаҳои гандум,
Нур аст ҳар ҷабинро аз хандаҳои гандум,
Мавҷ аст ҳар нигинро аз хандаҳои гандум,
Марг аст ҷони кинро аз хандаҳои гандум,
Сабт аст дар дили ман ин рози Турсунзода.

## АЗ ФАРОЗИ ИН ВАТАН ОЯД НИДО[1]

Одамӣ чун нақш дар рӯи раҳ аст,
Мӯр агар хоҳад диҳад ӯро шикаст,
Сахтии занҷир дар дасти ба даст
Дасти танҳо дастаи гул кай бубаст,
Оҳан ар беранг монад занг баст.

Мавҷ аз дарё куҷо гардад ҷудо,
Хас шудан роҳест сӯи зери по
Чархи гардун чарх гардад бехато,
Аз хатои мо замин зери бало,
З-ин бало моҳии бахти мо ба шаст.

[1] Ин шеър айёми даргириҳои шаҳрвандӣ навишта шудааст.

Ҷавҳари оинаат аз даст рафт,
Офтоби синаат аз даст рафт,
Сарнагунӣ, зинаат аз даст рафт,
Бар адӯят кинаат аз даст рафт.
Эй ба хуни хештан доим ту маст!

Сулҳро чун мардуми чашмат бидон,
Аз китоби ваҳдатат дарсе бихон.
Решаи маърифатат донад ҷаҳон,
Оли Сомон будаӣ ту як замон,
Ҳамчу хоки раҳ чаро ҳастӣ ту паст?

Сулҳро бар халқ Раҳмон оварид.
Нури рафта Нурии ҷон оварид,
Аз гузашта тахти Сомон оварид,
Бахти нав бар Тоҷикистон оварид,
Ин сухан дар парчами ту нақш баст.

Сулҳро дар дидаву дил ҷо намо,
Кина не, аз дил ба дил роҳе кушо,
К-аз фарози ин Ватан ояд нидо:
Гашт барпо хонаи аҳду вафо,
Тоҷикистон аз балоҳо раст, раст.

## ДУО

Ҳамеша бо шумоён бахт бодо,
Ба бахти нуратон гул тахт бодо

Зи мили ин камонҳо гул бирӯяд
Ки оби раҳматаш хунҳо бишӯяд.

Дигар одам набинад ғам ба олам,
Нарӯяд аз гили ӯ тухмаи ғам.

Ниҳоли душманӣ барканда бодо,
Ба ҳар дар офтоби ханда бодо

На гиря, ханда аз гаҳвора ояд,
Сурӯш аз олами сайёра ояд.

Ба шодӣ модари ҷон сур дар сур,
Бизояд кӯдакони нур дар нур.

Дигар зоғе наояд боғи тоҷик
Куҷо дил, гул набинад доғи тоҷик.

## САВТИ ТАНБӮР

Рӯ матоб аз Тоҷикистон оқибат кӯрат кунад,
Офтоби ин заминӣ, чарх бенурат кунад.
Дар бузургӣ беканорӣ гарчи чун баҳри Арал,
Зиндагӣ бо сахтгирӣ, чашмаи шӯрат кунад.
Қатра-қатра ҷамъ гардӣ, сабр агар бошад ба дил,
Дар миёни кӯҳҳо Саррези пурзӯрат кунад.
Ин қадар лофи манӣ аз сарвату ҷоҳат мазан,
Нотавонӣ даст дар сар дар раҳе мӯрат кунад.
Як назар бар Чашмаи Элок[1] кардам, об гуфт:
Чашмаҳо дар қаъри ман бин, соҳиби нурат кунад,
Абдураҳмон,[2] рафтӣ аз дунё, вале номат баён,
Дар ҳама базму тарабҳо савти танбӯрат кунад.

## ИШҚИ ПОКИ ДӮСТДОРОН БЕ СУХАН САР МЕШАВАД

Боли парвози нафас аз ҷону тан сар мешавад,
Хатти тақдири ман аз марзи Ватан сар мешавад.
Аз забони мавҷҳо ҳар лаҳза ояд ин нидо:
Порагаштанҳои халқ аз мову ман сар мешавад.

1 Элок –деҳае дар Файзобод
2 Абдураҳмон – номи навозандаи машҳур аз деҳаи Дашти Марзои ҳамин ноҳия

Эй ватандор, аз ватандорӣ чӣ гӯӣ ҳар замон,
Ишқи поки дӯстдорон бесухан сар мешвад.
Тиру хоку хун кафан гардид бар фарзандҳо,
Обрӯи мурда аз гӯру кафан сар мешавад.
Санг бар оинаи дилҳо мазан, ҳушёр бош!
Ин Ватан аз эмании марду зан сар мешавад.
Бӯй дорад ҳамчун Юсуфе ҳар фирорӣ, ҷони ман.
Боз дидори Ватан аз пираҳан сар мешавад.

## ҶАҲЛ БОШАД ХУМБИ МАСТ

Тарс дорам аз дилам, ки қотили ман мешавад,
Душмани ҳар ду ҷаҳонам ин дили ман мешавад.
Ҷуз гунаҳ дар синаам тухми дигар кай коштам,
Шӯразори ашкҳоям ҳосили ман мешавад.
Дар матои чор унсур ғунчасон печидаам,
Обу хоку оташу бод аз гили ман мешавад.
Барқи дил бар шеърҳоям оташи нав мезанад,
Ҳар диле, к-аз шеър сӯзад, манзили ман мешавад.
Маърифат чун ҷоми холӣ, ҷаҳл бошад хумби маст,
Байни миноҳои холӣ маҳфили ман мешавад.

## САНГҲОИ ЗАХМИН

Ин кӯҳҳо саркаш –
Аҷдоди халқи тоҷик.

Ин сангҳои захмин –
Бунёди халқи тоҷик.

Ин пуштаҳои хомӯш,
Обилаҳои ҳасрат.

Дар ҷони Тоҷикистон
Андар вуҷуди миллат.

То ҳаст халқи тоҷик
То ҳаст Тоҷикистон,

Мағлуб, ман нагӯям.
Гардида сарбадорон.

Имрӯз бошад озод
Ин миллати аламкаш,

Девони нав нависад
Ин миллати қаламкаш

Чун модари пурармон,
Чун модари ҷигарсӯз

Фарзандҳои худро
Бигрифта дар бар имрӯз.

Айнист дар канораш,
Ҳам Рӯдакии машҳур,

Сино ба сӯяш омад.
Дилреш аз раҳи дур.

Ношукр будан имрӯз
Ҳаққо, ки пур гуноҳ аст.

Тоҷик дигар намирад,
Фарҳанги ӯ гувоҳ аст.

## ПАДАР

*(Ба ёди падарам Шариф)*

Ман мегурехтам зуд,
Мушти туро бидида.

Осуда мешудам боз,
Пушти туро бидида.

Гӯё мани ту будам
Побанди хоби ширин

Бигзашт бачагиҳо
Монанди хоби ширин.

Фарёд то қиёмат
З-он рӯз, ки туро кушт!

Аз дасти зиндагонӣ
Пайваста мехӯрам мушт.

Дидам, ки зинадгонӣ
Мисли ту меҳрубон нест.

Боғи умед бе ту
Он қадр гулфишон нест.

Бе туст синаам пур
Аз ҳасрати ниҳонӣ,

Ку пушти ту гурезам
Аз мушти зиндагонӣ…

## ГУНОҲЕ НЕСТ

Имшаб шаби мо бошад,
Ин раҳ раҳи мо бошад.
Бингар ба лаби бора,
Ин маҳ маҳи мо бошад.

Эй ёр, гунoҳе нест,
Дилбурдану дил бастан.
Дунёи гунаҳ бошад
Дил бурдану бишкастан.

Сар дар бағалам бигзор,
Сар дар бағалат монам.
Мастии бағалҳоро
Ту дониву ман донам…

## БАҲОРИЯ

Ҷаҳони ҳусн дар нигаҳ, баҳори файз дар бағал,
Туӣ, баҳор ҳар саҳар ба матлаи ғазал азал!

Ба ин замини нозанин ба хандаҳо ниҳӣ қадам.
Бидеҳ либоси махмалин, бизан зи лола сурх-алам.

Баҳор, эй арӯси сол – арӯси бикри сарзамин,
Замин, ки ошиқат бувад, чӣ маъшуқӣ ту бар замин.

Биё, ки чашмасорҳо зи қаъри кӯҳсорҳо,
Кӯҳу камар шикофаду ҷаҳад ҳазор борҳо.

Сараш ба сангҳо занад, садо диҳад кӯҳу дара,
Ба дашту водиҳо равон ҳалиму нарм чун бара.

## ПАРИИ ШЕЪР

Моҳрӯи шеър бар лаб омада,
Бо карашма дар барам шаб омада.

Даст бар мӯяш задам, чун об рехт,
Шеваи ӯ аз ду дида хоб рехт.

Дар хаёлам боз дар чашми қалам,
Аксандозӣ намояд чун санам.

Дида бикшода чу шабнам сӯи меҳр,
То диламро дар сухан орад ба сеҳр.

То биҷӯям Лайлии шеъри дигар,
Ҳамчу Маҷнунам ба кӯяш дар ба дар.

Кӯҳи шавқам пур зи кабкони дарист,
Ин садои осмонӣ ё парист.

## ШАҲРЗОДИ ИШҚ

Аз раги килки хато берун шудам,
Дар варақгардонии ғам хун шудам.

Нолаам дар соқи най оҳанг баст,
Орзу дар барги гул сад ранг баст.

Ашки шабнам рехт дар барги дилам,
Шӯълае афрӯхт дар обу гилам.

Оташе дар ҷисми хокӣ роҳ ёфт,
Хок худро бо фалак ҳамгоҳ ёфт.

Аз нигоҳам абр боронхез шуд,
Дар ниҳоди баҳр тӯфонрез шуд.

Офтоби дил зи ҷонам сар кашид,
Пардаи хоби ду чашмамро дарид.

Аз худам берун чу селе омадам,
Гӯиё ки ҷоми Мансурӣ задам.

Ҳусни лайлихезро хунам ҳанӯз,
Шӯри маҷнунрезро хунам ҳанӯз.

Рангрези шеъри ман қавси қузаҳ,
Ёфтам бар осмони фикр раҳ.

Раҳ намудам он камони Рустамӣ,
Осмони шеър омад бар замӣ

Тусии дарёсухан з-он ҷо расид.
То замини ғафлати Эрон дарид.

Ҷангро аз тухмааш афканд дур.
Дар сухан чун офтоб омехт нур.

Заррае ман ёфтам з-он офтоб,
Зар кашам аз шеър, аз дарёи об.

Тайсафуни шеър созам аз дигар.
Шаҳрзоди ишқ бозам аз дигар.

## ҲАМДИЛЕ ПАЙДО ШАВАД…

Чашмаи раҳгумаму ҷӯшида пайдо мешавам,
Сабзаҳои домани ин кӯҳу саҳро мешавам.

Чун хасу хошок донам ҳарфҳои каҷдилон,
Чунки аз борони абри килк дарё мешавам.

Одамӣ дар ҳукми гул бошад, дилаш нозуктар аст,
Аз насими ҳарфи хуш чун ғунчаҳо во мешавам.

Ту мапурс аз роҳатам, аз санг буд гаҳвораам,
Дар ғами имрӯзи модар бахти фардо мешавам.

Дар назар чун кӯҳҳо ман безабону хомӯшам,
Ҳамдиле пайдо шавад, дунёи паҳно мешавам.

Аз дами сардат яхи сӯзон намудӣ роҳро,
Ту ҳаметарсӣ, ки ҷонбахше чу Исо мешавам.

## АЗ ЗУЛФ СОЯАМ КУН

Шаб тири нури оҳат аз синаам гузашта,
Ҳам нури як нигоҳат аз синаам гузашта.

Аз чашми равшани ту гардуни кӯри раҳгум,
Пушти хаёли моҳат аз синаам гузашта.

Ишқ аст дидбоне бар моми зиндагонӣ,
Ин ҳарфи сабзи роҳат аз синаам гузашта.

Эй офтоби олам аз зулф соям кун,
Зеро ки барқи оҳат аз синаам гузашта.

Дар осмони ишқат мисли замин бигардам,
Умед бар паноҳат аз синаам гузашта,

Исои нурҷӯям Истораро чӣ гӯям,
То нурзо силоҳат аз синаам гузашта.

## СУРОҒИ РӮИ ТОБОНАТ

Дилам дар банди зулфони ту рафта,
Ҳамин ҷонам, ки дар ҷони ту рафта.

Мабодо, ки насими шӯх ояд,
Ҳавас дар мӯи ларзони ту рафта.

Аҷаб мижгони боронӣ, ки дорӣ,
Тамошоям ба борони ту рафта.

Миёнат он замон лағжид аз даст,
Кӯҳи сабрам ба торони ту рафта.

Хати лабҳот бар боғам кашонад,
Лабам бар лаъли райҳони ту рафта.

Нигоҳи масти ман пурсӣ агар ту,
Сиёҳмасте ба чашмони ту рафта.

Хаёл, Исо ба боли орзӯят,
Суроғи рӯи тобони ту рафта.

## ОТАШИ ДИЛ

Агар мағрур мебинам қаламро,
Ба оҳе нахл мечинам қаламро.
Хаёлам, субҳи ҳастӣ мекушоям,
Шароби завқи мастӣ мекушоям.
Қаламро мисли шамъи Тур созам,
Нигаҳро шӯъларези нур созам.
Ба боли мурғи илҳомам нишинам,
Сари хумби бари ҷомам нишинам.
Маи шеърам, ки рафъи сад хумор аст,
Равон ояд, гумонам сад баҳор аст.
Агар дарде набудӣ дар вуҷудам,
Ба дафтар, хома кай будӣ суҷудам.
Хаёли рангрез андешаи ман,
Ба шӯр овардани дил пешаи ман,
Куҷо хоке шавад хокистари ман,
Дар ӯ ахгар бувад шеъри тари ман.

## ТАРОНАИ ИШҚ

Ишқи ту кафтари умедам буд,
Ишқи ту дафтари сафедам буд,
Ишқи ту буд саманди зарринёл,
Ишқи ту буд ҳумои зарринбол.
Ишқи ту буд шукуфаи баҳман,
Ишқи ту буд ситораи равшан.
Ишқи ту буд насими кӯҳистон,
Ишқи ту буд ғуруби тобистон.
Ишқи ту буд хаёли рангинам,
Ишқи ту буд ғамони ширинам.
Дар шаби дарду дар шаби ҳиҷрон
Ишқи ту шуд таронаи борон.

## НИГОРИ САБЗ

Ало нигори сабзрӯ,
Ало баҳори сабзрӯ.
Таронаҳои ман зи туст:
Фасонаҳои ман зи туст,
Маро зи туст боғи дил,
Шаби дилу чароғи дил.
Ту решаи вуҷуди ман,
Ту чашмаи суруди ман,
Қалам кашам барои ту,
Алам кашам барои ту.
Сухан ман аз ту ёфтам,
Ватан ман аз ту ёфтам.
Мапӯш чашми худ зи ман,
Макуш маро ту беватан.

## ИЛҲОМ

Осмони сафҳаи дил з-ибтидо,
Офтоби шеърро сайронгаҳ аст.
Нахли дарди ман намехушкад дигар,
Чунки тухмаш гавҳари меҳру маҳ аст.

Хомаам фарёд месозад, ки хез,
Аз замират ишқро бунёд кун.
То намирад ин замини дафтарам,
Андар он як меҳваре эҷод кун.

Аз насими шеър меояд баҳор,
Барфи пирӣ бар сарам афтад агар.
Дар гулистони танам омад хазон,
Лек боғи дил кунад гул аз дигар.

Бар арӯси шеър дорам ошиқӣ,
Бо чароғи чашм ҷон бахшам варо.
Гаҳ чу ёре рӯ битобад ӯ зи ман,
Аз вафо то чанд гӯям, эй Худо!

Дар вуҷудам метапӣ монанди дил,
Ҳар гаҳе чун ёр меоӣ ба бар.
Нози ту аз бӯса ҳам ширинтар аст,
Ғайр аз оғӯшам марав ҷои дигар.

Боварам н-ояд, ки имшаб бо манӣ,
Усма бар абрӯи байтам мекашӣ.
Сурма зад бар чашми шеърам мижжат,
Шеър оташ зад канори оташӣ.

## ЁДАМ ОМАД,
## РӮЗИ МАРГИ МОДАРАМ

*Ба ёди модарам*

Ёдам омад, рӯзи марги модарам,
Дар кафан печид ашки дафтарам.

Лолаҳои ашкам омад рӯи ман,
Аз ғамаш таркид гӯӣ кӯҳи тан.

Сатри ашкам рӯи дафтар омада,
Дар фазои шеър ахтар омада.

То ки буд ӯ, офтоб бо ман будӣ,
Ин тани чун муми ман оҳан будӣ.

Тӯй буду сур буда рӯзи ман,
Кай аҷузи ғам шудӣ дар сӯзи ман.

Бе ту модар, оламам тӯфон шуда,
Нӯҳ рафта, киштиаш ҳайрон шуда.

Як хасам дар обхези зиндагӣ,
Дар дами шамшери тези зиндагӣ.

Зӯрии ман қомати ҷанги ту буд,
Дар мадорат гар асо ҳанги ту буд.

Чун асояш ман фитодам дар канор,
Ин рубоби дил надорад ҳеҷ тор.

Ку дуъояш, ки бигӯяд омадӣ?
То ҷаҳон бошад, набинӣ ту бадӣ.

Дар замини дил мадоре ҳаст? Не!
Оташи ҷонро шароре ҳаст? Не!

Не, саҳар дар субҳхези дидаам,
Не, садо дар сурмарези дидаам.

Орзу дар пардаи дил мурд, мурд,
Ғунчаи дил ношукуфта гашт хурд.

Сӯхтам, ҳезуми тар будам агар,
Пахтаворе мӯи сар будам агар.

Чун мазорашро бар абрӯ чидаам,
Кай биарзад ҷуз чароғи дидаам.

Ё шинонам ман ниҳоли чашми тар,
Аз ҷигар обаш диҳам бори дигар.

## АГАР ЁРАМ НАБУД...

Табассум дар лабат тӯфони гул гашт,
Дилам булбул шуду гирёни гул гашт.

Нигоҳам ҷоми мастам дод, мастон
Забонат коми мастам дод, мастон.

Ду абрӯят ду теғи зиндагонӣ,
Ки хӯрда оби бехи зиндагонӣ.

Ҷаҳони ман, чу субҳам тозарӯӣ,
Чу меҳр аз пушти кӯҳи дил бирӯӣ.

Замину осмон з-ин рӯ базеб аст,
Ки аз домони ту афтода себ аст.

Агар як дам набинам рӯй дар рӯй,
Шавад ёдам чу атрат кӯй дар кӯй.

Хаёлам нестам, олам дигар нест,
Чу олам нест ҳам, одам дигар нест.

## ҚАЛАМ

Қалам дар дасти ман нақши нигин аст,
Забони найшакарро ангубин аст.

Симои дафтарамро нур дода,
Ба дарёи хаёлам шӯр дода.

Агар як дам забонам нур резад,
Зи дил гӯё, ки сад наврӯз хезад.

Сухан оби ҳаёти хомаи ман,
Зи умри ҷовидонӣ номаи ман.

Забонашро чу ёди тоза ояд,
Варақро чун замини нав кушояд.

Ҷаҳони тозае дигар биёбам,
Ҷаҳонро ҷониби ҷаннат шитобам.

## ЗАМИН ЗОЯНДА ОМАД, ҲОСИЛАШ ТУ[1]

*Барои Ғоибназар Паллаев*

Садо омад зи дарёи ҳақиқат,
Ки мавҷи фикри ту дорад тариқат.

Зи Уш овоза омад то Бадахшон,
Насими фитратат ҷавлонзани он.

Чу хайма дар сари Вахшонзамин зад,
Раҳи қудрат –сиёсат дар ҷабин зад.

Нахуст аз Кӯли гармо об овард,
Ҷабини Даштканро шуст аз гард.

Фалак гуфто, ки аз мардӣ ба дардӣ,
Зи дарди дигарон сӯзӣ, ки мардӣ.

Туро арши барин нури назар дод,
Замини тоҷикон Ғоибназар зод.

Паризоде зи Арман Нора омад,
Бари Ғоибназар истора омад.

Саховат чун замин дар сина дорӣ,
Дили Ҷамшедию оина дорӣ.

Ба миллат шамъ бошӣ, Турхезӣ,
Ду чашмат аз таҷаллӣ нурхезе

Забони Рӯдакиро зиндасозӣ,
Ҳамон аз аллаи модар гудозӣ.

Забони ту забони дарду сӯз аст,
Бадахшон офтобоварди рӯз аст.

Падар тоҷику модар туркнерӯ,
Замин зоянда омад, ҳосилаш ту.

---

[1] Ин шеър ба муносибати 70 солагии Ғ.Паллаев навишта шуда буд.

## БА КАМОНДОРОН

Камондорон, зи абрӯи камони дилбарон тарсед,
Дуои пир-тири ҷовид, аз қадди камон тарсед.

Зи тири чархи гарданда, зи тири ногаҳон тарсад,
Зи тири ашку хуни тифлакону модарон тарсед.

Фалак дар ларза меояд, ки аз моли касон тарсед,
Замин чун модарон гиряд, ки аз ман қотилон тарсед.

Аз он абри сияҳ, аз тири барқи осмон тарсед,
Зи айёми баҳори умр, аз боди хазон тарсед.

Ҳамон марг аст ҳар лаҳза, аз он тиру камон тарсед,
В-аз ин гардун, ки розаш кас надонад,
чун нишон тарсед.

Зи мадду ҷазри дарё – рӯзгорони равон тарсад,
Сулаймонҳои ин даврон, зи мӯри нотавон тарсед.

Ҳам аз роҳи хатои дил, ҳам аз хасмии он тарсед,
Агар рӯзе, ки дил дар каф бимонад, з-он ба ҷон тарсед.

Зи шеванҳои маҷрӯҳон, зи рӯҳи рафтагон тарсед,
Зи умри бевафо, аз кину меҳри ин ҷаҳон тарсед.

Қалам кашшофи аъмол аст, аз теғи забон тарсед,
Сухан тирест яздонӣ, зи тири Арши ҷон тарсед.

Камондорон, зи абрӯи камони дилбарон тарсед,
Дуои пир-тири ҷовид аз қадди камон тарсед.

## ДАРДОШНО

*Барои Ато Ҳамдам*

Биё, эй ошнои дидаву дил,
Дарахти орзу дар марзи ҳосил.

Туро модар чу Фарҳоде бизода,
Китоби Бесутуни шир дода.

Қалам дар дасти ту тори рубоб аст,
Ба ҳар маънӣ навои ту китоб аст.

Зи санги хомӯшӣ маъно гирифтӣ,
Зи кӯҳи сабр ҳам дарё гирифтӣ.

Каломат аз раги санги сабурӣ,
Зи дил омад бурун монанди нуре.

Ба ранги гул қалам дар сафҳа доғ аст,
Сухан дар синаат ҳамчун чароғ аст.

Наво омад, бирав аз худ бурун шав,
Бинои худшиносиро чу бун шав.

Рами оҳуи илҳомат биёмад,
Чу Маҷнун шӯҳрати номат биёмад.

Дӯкони сарди дилҳо гарм кардӣ,
Чи хоро синаҳоро нарм кардӣ!

## САБКИ ХАТЛОНӢ[1]

*Барои Ғафур Мулло*

Дар ин дунёи ғамобод
Насиби ӯст ҳар эҷод
Гирифтӣ домани худро
Будӣ бар хештан устод.

Барои ростӣ месӯхт,
Танури синаат аз дард.
Сари худро –накардӣ хам
Ба пеши пои ҳар номард.

Бихонам чун китоби Занд
Туро, эй пири нуронӣ
Ду абрӯи сафеди туст,
Ду байти сабки хатлонӣ.

Набуд осон ба ту, аммо.
Гузаштӣ аз баланду паст.
На мардӣ бистурад покӣ
Агар мисли ту марде ҳаст.

## ХУДОРО КУШТАЕД

*Дар сӯгвории Муҳаммад Осимӣ*

Қатли олим панҷахезӣ бо Худост
Дар замини нур бозӣ бо Худост.

Дӯстони кирдигоранд орифон,
Қотилон таҳпуши душманҳои ҷон.

[1] Ғафур Мулло шоири хубе буд. Ҷанги шаҳрвандӣ риштаи умри ӯро барканд

Нолаҳои ин замин аз хуни ӯст.
Лолаҳои ин замин аз хуни ӯст.

Одамӣ дар шакл ҳамранги худост,
Ҳар кӣ одам мекушад, ӯро ҷазост.

Осимӣ не, пас худоро куштаед,
Шамсу моҳи ин саморо куштаед.

## САРВАРИ ВАСЛ

Ба хун молида мебинам, сарои синаҳо имрӯз,
Диҳад чашми ятимон нусха бар чашми само имрӯз,
Шиори одамон бар зоти худ бошад ҷафо имрӯз,
Магар ин дард дорад дар вуҷуди мо даво имрӯз?
Сари мо ин ғазаб овардааст оё Худо имрӯз?

Худоё, ин чӣ бадбахтӣ, худиро мекушад тоҷик,
Занад ӯ хонаи худ оташу худро кунад табрик.
Ба таркидан дилам аз ин аламҳо мешавад наздик,
Мунаввар соз ай ақл, -офтоби ин раҳи торик.
Бидеҳмон сарваре то сар шавад дар васли мо имрӯз.

Хаёлам, кӯҳу дарёҳо аз ин куштор мегиряд,
Ба ҳоли одами бемор гӯё мор мегиряд.
Аз он к-аз оташи худ гул бисӯзад, хор мегиряд,
Ба ашки номуроди тирхӯрда ёр мегиряд.
Даруни хонаву саҳро бувад мотамсаро имрӯз.

Зи баҳри курсии тан курсии ҷонро шикастан чист?
Ниҳода пушт бар Омон-ат имонро шикастан чист?
Кашида дар таҳи по суннат, инсонро шикастан чист:
Паи сози Язиде сузи яздонро шикастан чист?
Ҳусайни майҳан! Аз дасти Язидат шав раҳо имрӯз!

## ФАРЁДИ ДИЛ

*Барои Исмоил Шафиев*

Бор илоҳо дил – расад бар доди дил,
То расад бар гуши дил фарёди дил.

Дил барои дил тапад дар синаҳо
Дил бидонад чист дар бунёди дил.

Лаҳзаи шодии дил ширин бувад,
Талх, аммо лаҳзаи ношоди дил.

Мешавам вайрон агар вайрон шавад,
Аз хатое хонаи ободи дил.

Одамӣ аз ёди одам меравад,
Лек монад ёди дил дар ёди дил.

Ҳар кӣ тан парвард, дил дар банд кард,
Дил бипарвар, то кунӣ озоди дил.

Ақл кай танҳо ба манзил мерасад,
Гар набошад хешию имдоди дил!

Сина танг омад баҳори дил биё,
То вазад дар хонаи дил боди дил.

Ҷӯи дил шеъри равонам оварад,
Умри ҷовидам диҳад Фарҳоди дил.

## САДОҚАТ

Ҳар сӯ шуда баргҳо парешон,
Дигар на навои булбул ояд.

Ҳар шоха ба зери барфи пирӣ,
Аз ҳоли бадаш забон кушояд.

Ҳайҳот, ҷавонӣ меравад зуд,
Ман дар дили ту наёфтам ҷо.

Парвои муҳаббатам надорӣ,
Лек аз ту накандаам диламро.

Ҳарчанд ки нестӣ ту аз ман,
Дорӣ ба дигар кас аҳду паймон.

Бо ҳар кӣ ту бошӣ, бош, аммо.
Э кош, набошӣ хонавайрон!

## ОРЗУ

Бомбаҳои ҷанги Гирмон,
Минаҳои ҷанги Гирмон
Ҳар замон дар шеърҳои мо битарканд,
Ҷовидон дар шеърҳои мо битарканд,
То кунун дар шеъри мо таркад замин,
То кунун дар шеъри мо сӯзад Хатин.
Шеъри мо ҳам захмдор аз тири ҷанг,
Шеъри мо ҳам захмдор аз тири нанг.
Оҳ, хоҳам он қадар,
Баъд аз ин дар шеърҳо таркиш набошад,
Баъд аз ин дар шеърҳо нолиш набошад.
Соф гардад осмони шеър ҳам,
Шеър хонем –
Шеърҳои ошиқӣ.
Шеърҳои зиндагӣ,
Шоирон ҳам баъд аз ин хушбахт бошанд…

* * *

*Дар сӯгвории Мирсаид Миршакар*

Эй шаҳи қасри адаб, пиру ҷавон бигриста,
Эй гулистони сухан, оби равон бигриста.
То лаби хеш кушудӣ шаккаристон гашт мушк,
Аз заволи килки умрат найситон бигриста.
Аз барои посбони шеъри ту кай марз буд.
Дар лаби дарёи Панҷат посбон бигриста.
Аз Бадахшон то Бухоро буд мотамдор халқ,
Ҳамзабонро ман чӣ гӯям, ҳамдилон бигриста.
Номи ту бар марг ҳамчун рӯз бар шаб ғолиб аст,
Дидаҳо чун абрҳои осмон бигриста.

## ҲАМРЕША

Ҳар гоҳ агар қалам бигӯям,
Таърихи Аҷам расад ба хотир.
Ҳар гоҳ агар Аҷам бигӯям,
Таърихи қалам расад ба хотир.

Монанди замини гирдгардон,
Дорад ҳама тири зиндагонӣ.
Дорад ҳама тири шодиву ғам,
Дорад ҳама тири ҷовидонӣ.

Шаҳтири варо қалам бибинад,
Таърихи Аҷам касе бихонад.
Бо вазни замин Аҷам баробар.
То ҳаст қалам, Аҷам бимонад!

## ВАХШ

Чун роҳи зиндагонӣ
Сад печу тоб дорӣ
Дар хеш метапӣ ту,
Дар дида об дорӣ.

Аз оби ҷонфизоят,
Шодоб гашта водӣ.
Сатри тари заминӣ,
Аз килки кӯҳ зодӣ!

Мижгони мавҷҳоят
Монанди барф сард аст,
Сар мезанӣ ба соҳил.
Исёни ту зи дард аст.

Дар ҷасту хезӣ доим.
Дар байни кӯҳсорон
Дар чашми ман ҳамеша,
Чун духтарӣ ғазалхон.

Э Сурху Хинга[1] дар тоз,
Э шӯри тоҷикона.
Дар ҳар қадам ту гул рез,
Э сури тоҷикона.

---

[1]Дарёҳои Сурхобу Хингоб дар назар аст, ки ҳарду ба ҳам омада, Вахшро ташкил медиҳанд.

## ҒАМБАРОР

Вахш, эй дарёи оташбори ман,
Оташи дилро нишон, эй ёри ман.

Оби ту имрӯз хуни одамист,
Хасми худро ту намедонӣ, ки кист?

Хонавайрон аҳли Вахшон дидаам,
Дар кафаш ҷон погурезон дидаам.

Вораҳан ӯро зи марги ғафлаташ,
Мушти худ оё диҳад умре латаш?

Дар раги ҷон шав, ҳама наздик соз,
Якмарому якзабон тоҷик соз.

Аз чӣ сархам, хоки роҳе гаштаем,
Назди ҳар беқадр, коҳе гаштаем.

Дар диёри худ фирорию ғариб.
Гаштааст аз зоти худ тоҷик, аҷиб!

Аз чӣ охир мекушӣ ҳаммилатат,
Шармсори оламӣ з-ин иллатат.

Тухми худро решакан кардан чарост?
Худкушии мо магар амри Худост?

Дар нигоҳҳо хун ба ҷои ашкҳост.
Гӯӣ, тобути шаҳидон чашми мост!

Ҳар гаҳе бо худ бупечам з-ин алам,
Боз гардад ғамбарори ман қалам.

Хез, дарё ту ғубори кина бар,
Муждаи сулҳу сафо бар сина бар.

Соф гардад осмони синаҳо.
Шаҳд гардад заҳри мори кинаҳо.

Боз якҷо мисли ҷон дар тан шавем.
Аз паи ободии майҳан шавем.

Сулҳ ояд бар ҳама чун офтоб,
Ҳар саҳар бар мулки мо резад гулоб

Боз ояд Рӯдакӣ дар базмҳо,
Қиссапардозӣ кунад аз назмҳо,

Он ҳакими Тусии дарёсухан,
Гавҳарафшоне кунад назми Ватан.

Во кунад Ҳофиз забони роз боз,
Шеър бандад ошиқонро бо гудоз.

Дӯст бинам миллати озодаро
Ҳамраҳаш Мирзои Турсунзодаро.

Ғам бимирад, дил сарояд боз, боз,
Ҷанг мирад, сулҳ ояд боз, боз!

## ДУШМАНРО БИРОН

Як ҳикоят бишнав аз ман, эй рафиқ,
Мекунам оғоз онро ин тариқ:

Буд дар як деҳи кӯҳӣ беҳисоб,
Саг, ки шабҳо менакардӣ ҳеҷ хоб.

Ҳар яке танҳо ба танҳо мечакид,
Ҳамчу меш аз гург беҳад мерамид.

Гурги хунхоре ба русто майл кард,
Деги ҳамкорӣ дар ин ҷо дид сард.

Ҳамла ҳар шаб бар саги танҳо бибурд,
Чанд сагро аз гулӯ бигрифту хӯрд.

Баъд аз ин бо нӯла як саг дод гуфт:
Бас ҷудоӣ, як шавед, – имдод гуфт.

Он нидо кулли сагонро ҷамъ кард.
Дар даҳоншон гург гардид гард-гард.

Хасми пурзӯр аз миён бардоштанд,
Тухми меҳри ҳам ба дилҳо коштанд.

Саг агар аз якдилӣ ғолиб шуда,
Тоҷик аз чӣ маргро толиб шуда?

Ибрате аз саг бигир, эй одамӣ,
Дар мақомат ман бигӯям з-он камӣ.

Чашм бикшо, худ макуш, аъдо бубин,
Зери поят аҷнабӣ сӯзад замин.

Зоти худро мекушӣ, побӯси ғайр,
Посбони оину номуси ғайр.

Ту ба қасди мурдагони бекафан,
Ту ба қасди навҳаи ҳар марду зан,

Ту ба қасди бенишон гумгаштагон,
Ту ба қасди дидагони хунфишон,

Ту ба қасди тифли аз модар ҷудо,
Ту ба қасди захмиёни бедаво.

Ту ба қасди шаҳру деҳи сӯхта,
Ту ба қасди оташи афрӯхта,

Душмани гургонаатро сар бизан,
То бигардад хок бар ҷисмаш кафан.

Варна нақши ту сутуранд аз ҷаҳон,
Боз бо ҳам ту наоӣ ҷовидон.

Макри ӯ як қавм бар қавме занад,
То ки нахли боғи тоҷик барканад.

Рӯ ба худ кун, гавҳари ҷамшедӣ ту,
Ядда байзо, зодаи хуршедӣ ту.

Аз Фаридун, рӯҳи поки Ковaӣ,
Миллати озодаӣ, дон, ки ваӣӣ.

Ҳам зи Вахшу ҳам зи Хатлон хез-хез,
Аз Зарафшон то Бадахшон хез-хез,

Бар вуҷуди Тоҷикистон ҷон шавед,
Тоҷикед-ар, аз раҳи ваҳдат равед.

Душмани беруна аз хокат бирон,
Мешавӣ осуда мисли он сагон.

## ХАНДАИ ИШҚ

Хандаҳоят ғунчаҳоро во кунад,
Ошиқонро ҳусни ту шайдо кунад.

Хок чун дил дар баҳорон метапад
Навҷавонӣ ишқро эҳё кунад.

Ин ҷаҳонро, ин заминро, хокро;
Поймонданҳои ту зебо кунад.

Ку баёзе ҳамчу рӯи дилкашат,
Байти абрӯят ба ин илқо кунад.

Аз ту файзе ёфт Файзободи ман:
Хоки поят тӯтиё Исо кунад.

* * *

*Ба ёди Кароматуллои Қурбон*

Чу кабке душманат гардид овоз,
Магар тире задат аз чӯбаи соз.
Агарчи боғ будӣ, ғунча рафтӣ,
Дили мардум зи ғамҳо ғунча шуд боз.
Ғалатбозони нав ҳам кӯҳна рафтанд,
Агар ту дина, шон пасдина рафтанд.
Ба ҷисми ту чу сурби тирашон зад,
Алови тирашон бар пирашон зад.
Куҷо овози ту монад зи парвоз,
Кушояд мурғи овози ту пар боз.

## ҒАЗАЛИ ДАРЁ

Зи гиря монда абрӯ сар ниҳад бар шонаи дарё,
Яке оҳиста рух бинмуд маҳ – ҷононаи дарё.

Касе чун мавҷ дасте мекунад боло ба ҳамхунаш,
Сари худ мехӯрад гирдобсон дар хонаи дарё

Ниҳода мавҷ сар болои сангу мекунад бозӣ,
Ба по занҷиру сар бар санг ин девонаи дарё.

Шабонгаҳ беш мегардад ҳамеша гиряи соҳил,
Чӣ афғон дидаам дар хилвати ғамхонаи дарё.

Раҳо ҳаргиз наёбад кас, набошад ошнои мавҷ,
Наафтӣ, эй Худо, дар панҷаи бегонаи дарё.

Чӣ савдое туро дар сар, биё, омӯз, эй Одам,
Вафою устуворӣ аз дили фарзонаи дарё.

Дар ин дунё набитвонад касе бемуттако будан,
Ба соҳил мерасад ҳар дам лаби шукронаи дарё.

Хазон бо ғаллаи аспаш чаманро мекунад помол,
Зи ёли аспи мавҷаш кай фитад Рухшонаи дарё.

Ба партав дар дами парвоз шабнам ҳар саҳар гӯяд:
Манам аз ишқи ноолудаи тифлонаи дарё.

Қадаҳ бар ҳалқ гирдоб аз тамаъ пайваста мерезад,
Вале холӣ нагардад ҳеҷ гаҳ паймонаи дарё!

Зи абри чашми ҳайронам садаф ҷӯӣ, намеёбӣ,
Фақат гавҳар бувад дар синаи вайронаи дарё.

Дар ин дунё, ки ҳамсангем, асли худ агар донем,
Яке оташ бувад аз каъбаву бутхонаи дарё.

Раҳи тақдири худ дар печу тоби зулфи ту дидам,
Кушо рӯят, ки бикшояд хати пешонаи дарё.

Дилам аз хушаи зулфи ту, эй ҷон, сад тамаъ дорад,
Бирӯяд дар замини сина охир донаи дарё.

Дарида ҷайб мебинам чу соҳил домани гулро,
Сабо чун булбуле худро занад, дар лонаи дарё.

Чу тифли саркаше табъам парешон ҳарф мегӯяд,
Ба имдодам бирас дарё, дили ҳизронаи дарё.

## РӮДАКӢ

Дар сукути кӯҳҳо назм аст, назм,
Дар суруди рӯдҳо базм аст, базм.

Рӯд бинам, Рӯдакӣ ояд ба ёд.
Рӯҳи покаш ҷовидона шод бод!

Дар димоғаш бӯи ҷӯи Мулиён,
Шеърҳо андар дилу андар забон.

То Бухоро мирро овард боз
Бо суруди дилнавозу ҷонгудоз.

Хушнаво аз дасти ӯ ҳар соз шуд,
Дафтари ашъор аз ӯ оғоз шуд.

Дар сари гаҳвораи назми баланд,
Рӯдакӣ биншаст бо азми баланд.

Аллаи модар зи нав эҷод шуд,
Хонаи тоҷик шеъробод шуд.

## ШИРИ БОРОН

Тира гардида чашми софи ҳаво,
Осмон гаштааст гӯё паст.
Зарби қамчини барқ меояд,
Мекашад шиҳа аспи боди маст.

Аз чаро гӯиё, ки баргардад
Подаи абрҳои саргардон,
Сар-сари пуштаҳои гулдоман
Шири бorigin гарм дар пистон.

Мардҳо бингаранд аз сари меҳр
Он чуноне ки бар зани зебо.
Ҳамчунон сӯи ёри чашмкабуд,
Мардҳо бингаранд сӯи само.

Низ ин гуна бингарам бо меҳр,
Ҷониби абрҳо чу ёронам.
Чангҳо мисли шаҳр дорад дил,
Ҳамчу шаҳр интизори боронам.

## МАН МИЁНИ АҲЛИ ХУНӢ

Гоҳ-гоҳе ҳамчу дарё аз худам берун шавам,
Хешро бишнохта, дар ҳолати Маҷнун шавам.
Дар барам як пайса нею масти назми Ҳофизам,
Кай битобам рӯ зи девонаш, агар Қорун шавам.
Ман, ки аз ашки равонам шеъри тар омӯхтам,
Ман ба асли хеш обам, оқибат Ҷайҳун шавам.
Сӯзане дар тан надорам, дасту ҳамёнам тиҳист,
Зина созам ростиро рост бар гардун шавам.
Ин замин кай сер мегардад зи хуни якдигар,
Бар само гар рӯ биорам, чун шафақ дилхун шавам.
Офтобам дар кусуфу ахтарам шаб кӯри роҳ,
Ман миёни аҳли хунӣ, дӯстонам, чун шавам?

## ҲАЙФУ ДАРЕҒИ ҚАҲРАМОН

*Дар сӯгворechoi Аҳмадшоҳи Масъуд*

Аз ахтарон, аз офтоб,
Аз синаи шаб, моҳтоб.

Аз ин замин, аз ин замон,
Аз Каҳкашони ҷовидон,

Аз гӯшаҳои ноаён,
Яъне, ки аз рӯи ҷаҳон.

Омад садои мотамӣ,
Хомӯш гардед як даме.

Он тоҷики огоҳи мо,
Он шер –Аҳмадшоҳи мо,

Он марди дунёи набард,
Он шӯри дарёи набард,

Он паҳлавони Панҷшер
Бо инфиҷоре гашт тир.

Дар кӯчаву бозорҳо,
Дар базму дар гулзорҳо,

Дар хонаву оинаҳо,
Дар дидаи ҷон – синаҳо,

Дар тири оҳи модарон,
Дар ашки талхи духтарон,

Дар боли боду ёдҳо,
Дар ҳаҷлаи домодҳо,

Ин нола омад ногаҳон,
Ҳайфу дареғи қаҳрамон.

Рафтӣ, аз ин дунёи дун,
Дилҳои мо гардид хун.

Хунаш бигирад, душмано!
Хунат бимирад, душмано.

Ӯ буд марди ин ҷаҳон,
Чун Рустами Зобулситон.

Чун Ардашери Бобакон,
Аз тухмаи Сосониён.

Аммо, ки макру ҳилаҳо,
Ӯро рабуд аз байни мо

Ҳарчанд аз дунё гузашт,
Ҳарчанд ин дарё гузашт.

Дар ҷои ӯ дар Панҷшер,
Дар хонаи он шергир,

Аз нав биёяд Рустаме,
Дар панҷааш сад оламе.

Аз ғам раҳонад тоҷикон,
Афғон насозад ҳам фиғон.

Гул дар сари Кобул занад,
Фарёдҳо булбул занад.

## ОҲАНГИ КАБКРЕЗ

*Ба ёди Дӯстмуроди Алӣ*

Оҳанги резаборон аз нағмаи ту ояд,
Қаҳ-қаҳ занӣ чу кабкгон, дар кӯҳ гул барояд.
Аз ишқи синаи ту, аз умри дидаи ту,
Боқӣ ду-се тарона ғамҳои дил зудояд.
Бо нағмаҳои торат, кабки ватан хуморат,
Дар Кабкрез бехуд аз осмон фурояд.
Ҳам чашмаҳои ҷӯшон, ҳам бодҳои сарсон,
Ашъори ёдҳоро ҷӯянд аз навоят.
Овардӣ шӯр моро аз ишқу оташи гул,
Дар савти андалебон хезад дигар садоят.
Аз ҳасрати хуморат, рафтам сари мазорат,
Ашки фироқам омад, аз дида дар ҳавоят.

## НАВҲАИ ЧАШМАИ МАҲҶОН

*Ёде аз Дӯстмуроди Алӣ*

Сели ғам дорад ҳуҷум бар ҷони ман,
Селаи зоғи сияҳ рӯзи азо.
Ошиқи ноком рафтӣ, водареғ,
Ошиқонро ҷаннатӣ кун, эй Худо!

Аз баҳори Хизр будӣ мисли ман,
Як нафас эҳё бишав, аз ҷой хез!
Бин, ки бе ту ҷумла мардум сар ба зер,
Ҳамчунон кабкони вақти кабкрез.

Нолаи ту, савти ту н-ояд дигар,
Гӯй, бо кӣ мӯнису ҳамдам шавам?
Дар барам парвонаи ҷонаш бисӯхт,
Аз ғамат чун шамъ сӯзам, кам шавам.

Он баҳор овард бар ман ашку ғам,
Ту чу сабза хушк гаштӣ дар барам.
Ҳар гаҳе он лаҳза меояд ба ёд,
Хушк гардад чашмаи чашми сарам.

Чашмаам ман – хоҳари андӯҳи ту,
Аз ҷудоӣ, аз ғамат гирён шавам.
Ман сари гӯри ту гулборон кунам,
Вақти гармо бар сарат борон шавам.

Қатраворам, рӯдворам баъд аз ин,
Ман ҳамон ашкам, ки дар марги ту буд.
Чашма –Маҳҷонам ба сони хоҳарат,
Водареғ, аз гиря мехонам суруд.

## ЁДКАРДИ ДӮСТМУРОДИ АЛӢ

Баҳор омад, чу сабза рӯ намо бори дигар имрӯз,
Ба сад нағма навое зан чу ҷӯ бори дигар имрӯз.
Суруди боди Файзобод гӯ бори дигар имрӯз,
Биё аз оби Ҳелокат чу бӯ бори дигар имрӯз,
Садои кӯҳ шав дар чорсӯ бори дигар имрӯз.

Чи ширин чашмаи Моҳак ҳанӯзат ёд месозад,
Чу нуре синаи Норак ҳанӯзат ёд месозад,
Ба савти нимашаб чокак ҳанӯзат ёд месозад,
Ба ҷон аҳли Ватан як-як ҳанӯзат ёд месозад,
Дарахти поси ту дорад нумӯ бори дигар имрӯз.

Замин, оё ту медонӣ киро дар дил ниҳон дорӣ?
Хӯрокат ҷисми одамхост, оё хок ҷон дорӣ?
Аё эй боди Файзобод, аз он булбул фиғон дорӣ?
Ба ёдаш абри боронӣ магар ашки равон дорӣ?
Ба ҳар сӯ бар навоборони ӯ бори дигар имрӯз.

## МОТАМ

*Дар сӯгвории Одинаи Ҳошим*

Ҳофизи дилҳои муштоқон аз олам даргузашт,
Ногаҳон дарёи ҷӯшони наво ҳам сард гашт.

Сабзаҳои нағмаҳоят зери санги сӯг монд,
Шабнами рӯҳат, вале хуршедро сӯяш бихонд.

Оташи овози ту бас сарддилро гарм кард,
Нола дорад дар ғамат ҳар хонадон аз сӯзу дард.

Дар навоят буд баски созу рози мардумӣ,
Бар ту мардум додаанд унвони Нози мардумӣ.

Обу гил аз мулки Хатлон доштӣ, ҳарчанд ту,
Тоҷикистон буд, аммо аз бароят обрӯ.

Офтоби ёди ту гар осмони дил гирифт,
Ҷисми хокӣ пуштаи Лучобро манзил гирифт.

## ҲАСРАТИ ФИРОРӢ

Ватан аз ту ҷудоям, бенавоям,
Расонад кош сӯи ту худоям.
Занам сарро ба сангони ғарибӣ,
Ки аз хешони худ зиндаҷӯдоям.

Ватан мегӯяму дил меканад ҷон,
Ба ман бӯяш расон, эй боди афғон.
Дилам хоҳад аз ӯ сабзам чу сабза,
Дар ин дунё надорам ҳеҷ армон.

Ватан гаҳвораи ҷунбони меҳрам,
Канори туст тифли ҷони меҳрам.
Паи пистони модар мисли тифле,
Бигирям, сабзам аз борони меҳрам.

Чу мӯре меравам оҳиста сӯят,
Магар тахти Сулаймон нест кӯят?
Тани фарсудаам гирад мадоре,
Ҳамон дам, ки расад аз дур бӯят.

Бимон, ки дар Ватан бемор мирам,
Бимон, ки рӯ ба рӯи ёр мирам.
Чу гардун аз бадан чашми ситора,
Кушода ҷонибат бедор мирам.

## МАСТУРА

Дар олами масту хароб
Масти туам, Мастураам.
Парвози ман бар сӯи туст,
Эй осмон, эй Зӯҳраам.

Буду набудамро мапурс,
Бикшо ту банди синаро,
Эй дилбарам, бар аз дилам
Занги ғами деринаро.

Бахшад шароби дигаре
Майхонаи чашми туам.
Афсун кунад, афсун кунад,
Афсонаи чашми туам.

Мон, гул кунад лабҳои ту
Аз бӯсаҳои гарми ман.
Аз ишқи ман созӣ гузар,
Ман бигзарам аз ҷону тан.

## АҶАМ

Гарчи гӯям ман, Аҷам бечора нест,
Кишваре мисли Аҷам садпора нест.

Пора ӯ аз ханҷари Маҳмудҳост,
Модар аз фарзандҳои худ ҷудост.

Хун чакад аз пайкари ӯ то кунун,
Хун чакад аз дафтари ӯ то кунун.

Дафтари ӯ дафтари фарёдҳост,
Пайкари ӯ пайкари аҷдоди мост.

Баҳри ӯ то ҳол мекобанд гӯр,
Шоирашро то кунун созанд кӯр…

Тоҷикистон як нафар фарзанди ӯст,
Тоҷикистон решаи пайвани ӯст.

Ханҷари маҳмудҳояшро шикаст,
Дорад акнун мӯҳри озодӣ ба даст.

Аз канори Тоҷикистони баланд,
Аз канори кӯҳсорони баланд

Бингарам ҳар гаҳ ба роҳи рафтагон,
Бишнавам пурдард оҳи рафтагон.

Боз месӯзад дили дардошно,
Модар аз фарзанд мегардад ҷудо.

Пора-пора боз метобад Аҷам…
Боз созам такя бар чӯби қалам…

## ТОҶИК

Эй басо дил дар ҳавои дил бувад,
Додҳои дил барои дил бувад.

Дод бояд бар саволи дил ҷавоб,
Баски бошад ҳамдилӣ кори савоб.

Хештанро дидаам бо чашми дил,
Маҳшареро дидаам дар хашми дил.

Ман нахонам қиссаҳо аз Руму Рай,
Миллате буд, дошт бар сар тоҷи Кай.

Номи тоҷик ҳам зи тоҷи Кай бувад,
На дуконорӣ ба Руму Рай бувад.

Қавми тоҷир дар ғами фарҳанг нест,
Дар дӯкони ӯ матои нанг нест.

Тоҷики ман дар сари фарҳанг буд,
Дар сари ӯ кай ҳавои ҷанг буд.

Дида, аммо эй басе тороҷҳо,
Карда қасди тоҷи ӯ бетоҷҳо.

«Тоҷики гарданкаши лашкаршикан»,
Дар Ватан то ки набошад беватан,

Аз миёни дуду хокистар гузашт,
Аз дами шамшери Искандар гузашт,

…Бар замини бостон омад муғул,
Чун балои осмон омад муғул.

Дар Хуросону Сиистону Хуҷанд
Бас маноре аз сари ӯ шуд баланд.

Борҳо дар хуни худ тар гаштааст,
Дар дифои хеш бесар гаштааст.

Борҳо гардида ободу хароб,
Зиндагӣ дорад мисоли офтоб…

Гашт берун тоҷики бо ному нанг,
Аз миёни он ҳама гирдоби ҷанг.

Эй басе озод мардони Ватан,
Кард аз хоки Ватан бар худ кафан.

Баҳри тоҷик зиндагӣ осон набуд,
Буд Бухорояш, вале Сомон набуд.

Лек тоҷик саркашу озод монд.
Додхоҳи олами бедод монд.

Миллати ман тирагиро нур буд,
Дар сари дори фалак Мансур буд.

Бас навӣ дод олами деринаро,
Дод ҷавҳар эй басо оинаро.

Оташи Зардушт сӯзад дар дилаш,
Донаҳои зиндагӣ андар гилаш.

Оби ҳайвон аз дами ӯ сар зада.
Ҷоми Ҷам бар чашмаи Кавсар зада.

Аз замину осмон дорад хабар,
Аз биҳишти ҷовидон дорад хабар.

Гарчи файзе бар замин дод аз биҳишт,
Дафтару девони худ бо хун навишт.

Гарчи дунё ҳолиё мафтуни ӯст,
Лолазори пуштаҳо аз хуни ӯст…

## ХУШДОР

Аз ёд баровардӣ
Он ёри ҷавониро,
Бемори ғами худро,
Хушдори ҷавониро.

Зулфони ту буд аз ман,
Чашмони ту буд аз ман.
Шабҳои ту буд аз ман,
Лабҳои ту буд аз ман.

Аз боми умеди мо
Пурғам бичакад борон,
Дар мазраи ишқи мо
Пажмурда гули армон.

Э вои гуноҳи ман,
Э вои гуноҳи ту,
Маъво чӣ касе дорад?
Дар чашми сиёҳи ту.

## САФЕДОРОН

Нури чашмонам мисоли рӯзҳо кам мешавад,
Ёдам ояд субҳи тифлӣ, чашми ман нам мешавад.
Кони тиллоии ишқам монда пинҳон дар дилам,
Ишқи новарзида андар синаам зам мешавад.
Барфранг аст арчи мӯям, лек ишқам оташ аст,
Ҳисси зоҳирбини ёрам дар дилам ғам мешавад.
Гар биёяд пешвозам боди Файзободи ман,
Чун сафедорон сарам бар пуштаҳо хам мешавад.
Сабзаҳоро дида Исо, навхатиро ёд кард,
Ёдам ояд субҳи тифлӣ, чашми ман нам мешавад.

## СИХИНВАЛ

Эй Сихинвал чеҳри зебоят куҷост?
Қомати зебои яктоят куҷост?

Тиржола ҳар биноят хок кард,
Зад ба ҷисмат душмани ту маргу дард.

Нолаҳои марду зан хомӯш гашт,
Танкҳо бо ҷисмашон хунпӯш гашт.

Хок мегиряд зи хуни кӯдакон,
Ҳар раги хок аст гирён ҷовидон.

Эй Сихинвал, душманат бишнохтӣ,
Номи зишташ дар ҷаҳон андохтӣ.

Лек танҳо Руссия дастат гирифт,
Пеши роҳи душмани мастат гирифт.

Гуфт: дунёро, ки қатли омавист?
Душмани Абхоз медонед кист?

Аҳриман демократ хонад мудом,
Одамиро мехӯрад ӯ хом-хом.

Панҷаи маргаш зи Бағдод омадаст,
Дар гулӯи шаҳр ҷаллод омадаст.

Аҳриман дар хоки Афғон мечарад,
Хуни одам, чарсу афюн мехӯрад.

Зӯрии бисёр бошад бар ҷаҳон,
Мори Заҳхок аст бикшода забон.

Ҳар замон нақше ҳазорон мекашад,
Аз сурохаш сӯи Эрон мехазад.

Эй Сихинвал, хонаат обод кун,
Бар сари ту он чӣ омад, ёд кун.

Зиндаҳоро бар навозишҳо бихон,
Исии Марям ба донишҳо бихон.

Бар сари гӯри шаҳидон гиря кун,
То набинӣ ҷовидон дигар ту хун.

Душманат ором на, ҳушёр бош,
Такя бо Руссия кун, бедор бош.

Сабр аз он Гагра ба ҳар фарзанд деҳ,
Устуворӣ, худшиносӣ панд деҳ.

Ту сафедӣ гир аз баҳри Сиёҳ,
Аз Сакашвили махур заҳри сиёҳ.

Ифтихори Кавказиро кӯҳ кун,
Гар ҷаҳон об аст, худро Нӯҳ кун.

Хешро аз нав бисозу зинда бош,
Ҳамчу Гагра дар замин поянда бош!

## МУХАММАСИ НАВРӮЗӢ

Офтоб омад, ки гӯяд: Тоҷикистон Рӯзи нав,
Хандаҳои ғунчаҳову субҳи хандон Рӯзи нав,
Саллаи барфи сари ин кӯҳсорон Рӯзи нав,
Чашми чун оина софи чашмасорон Рӯзи нав,
Нағмаҳои таблхези обшорон Рӯзи нав.

Сабзаву гул ноз дорад аз ҷавонии баҳор,
Ҷӯй мегӯяд дигар н-ояд хазонии баҳор,
Ғунча менозад ба сози нағмахонии баҳор,
Бод ҳар дам васф созад ишқи ҷонии баҳор,
Гулшукуфти панҷаҳои шохсорон Рӯзи нав.

Ҳар саҳар шабнам бирӯяд аз нигоҳи офтоб,
Тоҷ созад хештанро бар кулоҳи офтоб,
Аз нигоҳаш лаъл мерӯяд ба роҳи офтоб,
Аз замин худро расонад бар паноҳи офтоб,
Субҳдам гӯяд заминро нурборон Рӯзи нав.

Ҳар гиёҳи руста ҷони ин замини мо бувад,
Дар нигоҳи чашмаҳо нақши нигини мо бувад,
Осмону ҳам замин рози ҷабини мо бувад,
Моҳу Парвин дар баҳорон шабнишини мо бувад.
Арш ҳам донад, ки моро навбаҳорон Рӯзи нав.

## ТӮҲФАИ АРШИ БАРИН

Нафас то мекашӣ аз шонаи дил,
Ҳисобе ҳаст андар донаи дил.

Чу оби зиндагии шеър ҷӯям,
Мадад хоҳам зи Хизри хонаи дил.

Қалам то рӯз месӯзад, валекин,
Намесӯзад чаро парвонаи дил.

Тӯӣ дар роз, эй Маҷнуни килкам,
Ба гӯши Лайлии афсонаи дил.

Агар шоир нашӯрад мисли дарё,
Кӣ мегӯяд варо девонаи дил?

Сухан ин тӯҳфаи арши барин аст,
Чу шеъри Ҳофизи фарзонаи дил.

Чу Исо аз фалакҳоям маҷӯед,
Бувад маъвои ман кошонаи дил.

## НОЛАИ ОШИҚИ НОКОМ

Соҷидаам, Соҷидаам,
Эй нури ҳар ду дидаам.

Бар кӯи ту ман омадам,
Бар тӯи ту ман омадам.

Овози чангу най шунав,
Дарёи ишқи нав бирав.

Ман бо гурӯҳе дӯстон,
Ҳар як аз ӯ беҳтар зи ҷон.

Дар гӯшае, дар гирди хон,
Дар ҳалқаи пиру ҷавон,

Биншаста бо ёди туем,
Бо ёди рушоди туем.

Он гаҳ биёмад оши тӯй,
Ашкам биёмад ҳамчу ҷӯй.

Хурданд мардум ошу нон,
Аммо маро месӯхт ҷон.

Ғам дар гулӯ ҷои таом,
Рӯзе, ки зад ранге ба шом.

Гурсинаи ишқат будам,
Гурсинатар он дам шудам.

Хоҳони дидорат будам,
Ҳам ошиқу ёрат будам…

Он рӯзро бар ёд ор,
Бо дидагони пурхумор.

Дар деҳаи Маърифатӣ,
Аз ишқ во зад офатӣ:

«То ҷон бувад андар бадан,
Меҳрат ба дил дорад ватан…»

Омад садои ёр, ёр,
Гаштӣ ба мошине савор,

Ногаҳ бидидам рӯи ту,
Масти дамидан бӯи ту.

Ёри дигар гаштӣ агар,
Мерехтӣ хуни ҷигар.

Аммо дуои ман ҳамин,
Эй маҳваши рӯи замин:

Ҳар ҷо ту бошӣ, шод бош,
Бо ёди ман обод бош.

Бодо раҳат чун гулситон,
Доғе набинӣ дар ҷаҳон,

Аммо гаҳе ам ёд кун,
Ишқи маро фарёд кун.

Ёдат асои синаам,
Имрӯзаму ҳам динаам.

Шабҳо хаёлат чун чароғ,
Месӯзадам монанди доғ.

Мастам зи дидорат ҳанӯз,
Ҳастам ҳамон ёрат ҳанӯз,

Ишқе, ки аз ҷон омадаст,
Дар сина печон омадаст.

Ҷонам равад гар аз танам,
Андар фазоят пар занам,

Бе ту ҷаҳони ман набуд,
Тан буду ҷони ман набуд.

Ҷони ман асту ҷони ту,
Нури макону кони ту.

Соҷидаи Исмоилӣ,
Дар синаам, ҷои дилӣ!

## ГУЛХАНДА КУН, БИБОЛАМ

Эй ёри чун ниҳолам, боре бипурс ҳолам,
Ҳарчанд чун суолам, он қадр нест солам.
Чун офтоб ҳар рӯз ин остонам афрӯз,
Аз нури хоки поят бар дидаҳо бимолам.
Ҳам лутфи як нигоҳат, ҳам чеҳраи чу моҳат,
Чун шоҳбайти абрут аз дил бубар малолам.
Ҷонбахш ишқ додӣ, ғам додӣ хуш ба шодӣ.
Маълум гардад акнун дар рӯзгор ҳолам
Дар шаҳр шӯҳраӣ ту, дар базм Зӯҳраи ту,
Торе навоз, то ки бо килки най бинолам.
Аз боғ гул начинам, то рӯи ту набинам,
Эй шӯхи ман – баҳорам, гулханда кун биболам.

## КУҶОӢ ТУ

Як шаб ба барам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Шамсу қамарам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Бе нури нигоҳи ту дунёст шаби торам,
Нури басарам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Аз заҳри ғамат ҷоно, месӯзаму месӯзам.
Қанду шакарам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Дар хоб туро дидам, як бор ба сад нозе,
Бори дигарам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Дар шаҳри пур аз одам бе ту сари танҳоям,
Ногаҳ ба барам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Чун мурғ фитодам ман дар кӯчаи ишқи ту.
Эй болу парам боз о, Матлуба, куҷои ту?
Як тораи мӯи ту аз ҳафт фалак авлост,
Эй баҳру барам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?
Дар шаҳр ҳамегардам, то шаҳри дилат бинам,
Охир ба дарам боз о, Матлуба, куҷоӣ ту?

## ФИРДАВСӢ ВА ШАБИ ГИРИФТАНИ МОҲ

Аз Аҷам гӯям сухан бори дигар,
Рангрези шеърам аз хуни ҷигар.

Дар кафи ман олами ҳастӣ шинос,
Ин ҷаҳонро бодаи мастӣ шинос.

Ҷӯши набзам хомаро ҳам маст кард,
Моҳро то остонам паст кард.

Моҳ он дар хонаам чун шамъ буд,
Хотирам дар рӯи дафтар ҷамъ буд.

Дафтари Исфандиёрам пеш буд,
Гоҳ обу гоҳ норам пеш буд.

Хома сӯи Ҳафтхон шамшер зад,
Рустамаш бар аждаҳову шер зад.

Ногаҳон аз чеҳраи маҳ нур рафт,
Аз ҳама базми ситора сур рафт.

Сад пари зоғе ба рӯи маҳ нишаст
Сип-сияҳ доғе ба рӯи маҳ нишаст.

Моҳ ранги риштаи борик шуд,
Табъи ман чун хонаи торик шуд.

Хотири ношод корамро бубаст,
Табъи бологири ёрамро бубаст.

Он замон ово намудам ҳамсарам,
Ой, гуфтам, Фотима шав дар барам.

Омаду гуфтам, ки базме рост кун,
Чашми шамъу май ба назме рост кун.

Рӯи хон бинӣ зи себу нору май,
Чанг бинвозиду додам май зи пай.

Дил даруни синаам пирӯз кард,
Он шаби торики ман чун рӯз кард.

Ман ба ӯ гуфтам, ки ашъоре бихон,
Аз бароям дилбари беҳтар зи ҷон.

Қиссае бархонд аз дастони ман,
З-он Манижа ошиқи Бежан ба ҷон.

Табъ равшан шуд зи дарёи сухан,
Сар ба арш овард дунёи сухан.

Боз бо ман дар сухан омад қалам,
Зиндагиро ёфт дар шеърам Аҷам.

## ПАДАРИ СУХАН

*Ба ифтихори номи*
*Рӯдакиро гирифтани ноҳия*

Суханро ба шоҳӣ нишондӣ ба тахт,
Ватандор будӣ суханро ба бахт.
Падар хонамат бар сухан ростӣ,
Суханро чу фарзанд оростӣ.
Суханро ту додӣ ҷавонии ҷон,
Чу шеърат намирад сухан ҷовидон.
Ту гуфтӣ суханро, ки қадрат бидон,
Чу зебо арӯсӣ, ки маҳрат бидон.
Чу рӯҳат тарабноз кардӣ сухан,
Сухан кард ҷонат ҳамеша ватан.
Сухан шоҳ кардӣ, чу шоҳи Ватан,
Ба тахт оваридӣ чу Насри сухан.
Суханро дами Исавӣ додаӣ,
Забони суханро навӣ додаӣ.
Равони сухан бо ту шод аст, шод,
Ҷаҳони сухан бо ту обод бод!

## ДУШАНБЕ

Душанбе, ишқу илҳомӣ,
Ба миллат шӯҳрати номӣ.

Душанбе, маҳзари бахтам,
Душанбе, дафтари тахтам.

Душанбе, дар бадан ҷонӣ,
Душанбе, дар Ватан ҷонӣ.

Душанбе, рози ахтарҳо,
Душанбе, рози духтарҳо.

Душанбе, мавҷи гулхезӣ,
Ҳазорон ранг гулрезӣ.

Душанбе, тахти Сомонӣ,
Тани таърихро ҷонӣ.

Душанбе, ту сухандонӣ,
Душанбе, ту забондонӣ,

Чу ҷони шоирон астӣ,
Чу шавқи шоирӣ мастӣ.

Душанбе, офтоби шеър,
Ту сарбайти китоби шеър.

Душанбе, эй Зиёи[1] дил,
Душанбе, эй Худои дил.

## ЗИШТ

На сурат, на сират, чӣ дорӣ ба худ?
Магар сояӣ, ки надорад вуҷуд?
Ба тақлид ҷӯшу ба тақлид ноз,
Ки аз даст бар даст асбоби соз.
Хаёлию ҳар дам дигар мешавӣ,
Чу пешонӣ дар базм тар мешавӣ.
Гули боғ будӣ, чу хорӣ кунун,
Сари ганҷи ҳуснат чу морӣ кунун.
Чу зоғӣ ба ҳангоми фасли хазон,
Наёбӣ дигар ту раҳи гулситон.
Раҳат баста гардид сӯи биҳишт,
Шаётинсифат гашт рӯи ту зишт.

---

[1] Зиё Абдулло дар назар аст.

## НАКҲАТИ ГУЛ

Аз лабат гул дар лаби гулҳо шуда,
Хандаҳоят мастии дунё шуда.
Дар фазои бегиёҳи синаам
Мавҷҳои зулфи ту дарё шуда.
Моҳтобу офтоб аз рӯи туст,
Нурбахшои замини мо шуда.
Ишқ чун оташ фусурдӣ борҳо,
Аз нигоҳи масти ту эҳё шуда.
Ханда зан, то гул бирӯяд аз дилам,
Бе ту хори ғам ба дил пайдо шуда.
Зиндагӣ бе ту китобе ҳам надошт,
Шеъри рӯят бар дили ман ҷо шуда.
Аз насим обе фишондӣ сӯи дил,
Бӯи гул андар гили Исо шуда.

## АНДАРЗИ МОДАР

Як санг дорам ман ба дӯш,
Чун ҳарфи норафта зи гӯш,
Андар ҷавонӣ ҳар гаҳе,
Рафтам агар кач дар раҳе,
Модар зи хуни дил ба ман
Андарз кардӣ ин сухан:
«Ҳарфи калонҳо гӯш кун,
Деви дарун хомӯш кун».
Ҳар гоҳ бинам кӯҳсор,
Ҳар санг гӯяд: ҳуш дор:
«Ҳарфи калонҳо гӯш кун
Деви дарун хомӯш кун».

## АШКИ САНГ

*Барои Ҳотам Нуров*

Шарори зиндагӣ аз санги дил ҷаст,
Аз ин ғафлатмакон оҳи дарун раст.

Ба як ҷо вонамондӣ, дар кушодӣ,
Шарарворӣ, аз ин зулмат бизодӣ.

Зи худ берун шудан нақши дигар буд,
Ҷаҳони маърифатро ҳамчу дар буд.

Парии шавқи ту аз шишаи дил,
Ба саҳна тохт бо андешаи дил.

Шафақ аз синаат бар саҳна омад,
Шарор аз дидаи сангат баромад.

Агар танг аст санги саҳнаи ту.
Чу дарё ёфт вусъат синаи ту.

Ба сахтӣ чун шарар аз санг хезӣ,
Ба софӣ чашмасон аз кӯҳ резӣ.

Чу овое намудӣ кас наёмад,
Садо аз кӯҳи саҳна пас наёмад,

Ҳамон дар гӯши сангат роз гуфтӣ,
Аз он ҷастӣ чу оташ боз гуфтӣ:

Зи дардам санг мехезад чу марде,
Кӣ мегӯяд надорад санг дарде?

## ҲАМРОҲ

Аз ғам ба дунё омадем,
Ашкему дарё омадем.

Хок аст дунё сарбасар,
Хокии беҷо омадем.

Нашнидаам аз ҳеҷ кас,
Аз баҳри чӣ мо омадем,

Қаҳ-қаҳ мазан, эй Офтоб,
Як нола кун, мо омадем.

Эй ошно, танҳо наем,
Ҳамроҳи Исо омадем.

## БАЪДИ БОРОН

Ту зебоӣ чу гул аз баъди борон,
Биҳишти рӯи дунё, Тоҷикистон.

Гулу райҳон заминро бӯс дода,
Бирақсанд аз навои шохсорон.

Ҳавояш беғубору сабзаҳо тар,
Суруди рӯз бар лаб ҷӯйборон.

Шабонаш рӯзро монад ҳамеша,
Зи барқи лолаҳо саҳро чароғон.

Хурӯши чашмаҳо дар кӯҳсорон,
Суруши обие рӯ сӯйи деҳқон.

Қалам саҷҷодаи дафтар бибӯсид;
Дуои сабзи мо бар роздорон.

## ХИРМАНИ ГУЛ

Дар байни хирмани гул
Имшаб ману ту танҳо.
Дунё, ки масти хоб аст.
Имшаб ману ту дунё.

Бишкуфта чун ситора
Чашмони содаи ту.
Печида дар тани ман
Мӯи кушодаи ту.

Чун субҳи навдамида
Покизаву сафедӣ.
Дар боми орзуям
Чун кафтари умедӣ.

Шодоб ҳарду имшаб
Аз бахти осмонӣ.
Борони ишқ борад,
Дар дашти зиндагонӣ.

Дар байни хирмани гул
Имшаб ману ту танҳо.
Дунё, ки масти хоб аст
Имшаб ману ту дунё!

## ДУТОР

Эй Сайидои Ҷамоли роздон,
Васфи ту андар забонам ҷовидон.

Нуктае гӯям туро аз дарди дил,
Ҳамзабону ҳамдилӣ, эй марди дил.

Дар сурудат роз гӯӣ аз Алӣ,
Эй ниёят ҳазрати Бурхи Валӣ.

Аз дуторат розҳо берун шавад,
Ин дили дардошно з-он хун шавад,

Гиряи созат бигардад ёри дил,
Лаҳзае нохун бизан бар тори дил.

Дил ҷаҳони шеваҳои нола аст,
Гар набошад нола, дил табхола аст.

Ашки дил омад аз он хунёгарӣ,
Сӯзадам чун оташе ҳарфи дарӣ.

Ҳеҷ созе чун дуторат соз нест,
Гар нанолӣ, аз дутор овоз нест.

## ГУЛ

Аз лабат омад саҳар борони гул,
Дар тану ҷонат бувад даврони гул.
Аз қудумат зинда кардӣ хокро,
Дар кафи пои ту бошад ҷони гул.
Шеъри ман аз моҳтоби рӯи туст,
Матлаи абрӯи ту девони гул.
Аз ғазал зевар бибандам бар танат,
Бо забони луълуву марҷони гул.
Бар «Ҳазору як шаб» -ат ман ошиқам,
Шаҳрбозам аз варақгардони гул.
Рашк дорам аз насими ин саҳар,
Дар машомат меравад райҳони гул.
Офтоб аз чеҳраи гул ашк чид,
Шабнаме зад бар лаби хандони гул.

## БАРОИ ШОИРЕ

Хамӯшӣ нест бар ту ҳамчу дарё,
Ки дарё дардҳо дорад чу дунё.

Сухан дард аст, месӯзад чу оташ,
Чу ту мард аст, месӯзад чу оташ.

Суханро чун шарар якбора орӣ,
Ки мавҷи ғаллаи дарё бикорӣ.

Зи ҳарфи барги гул аврок резӣ,
Чу шабнам дидаи бедор хезӣ.

Агар об аст нӯгӣ хомаи ту,
Ба боли нур ояд номаи ту.

Чу шабнам дидаат хуршедхон аст,
Чу оби Хизр ҳарфат ҷовидон аст.

## САНГТӮДА

Сангтӯда – мавҷхези нурҳо,
Сангтӯда – Вахшбези шӯрҳо.

Сангтӯда – нурсози хонаҳо,
Сангтӯда – чашми нози хонаҳо.

Сангтӯда – сабзбахти шаҳрҳо,
Сангӯда – ҷамъсози баҳрҳо

Сангтӯда – ташнагонро обдеҳ,
Сангтӯда – тарҳсози шаҳру деҳ.

Сангтӯда – нури Истиқлолзой,
Сангтӯда – ҷовидон монад ба ҷой!

Сангтӯда – офтоби тоҷикон,
Сангтӯда – осмони рӯҳу ҷон.

Сангтӯда – махзани оби зулол,
Сангтӯда – хандаи фархундафол.

Сангу дарё ҳеҷ гоҳ носоз нест,
Обро бе сангҳо овоз нест.

Сангтӯда – олами исторазор,
Сангтӯда – офтоби хонадор.

Сангтӯда – чархаҳои нурзод,
Нурро аз оби оташзод дод.

Сангтӯда – шӯълаҷӯши чашмаҳо,
Сангтӯда – барқпӯши хашмҳо.

Сангтӯда – бо забони розҳо,
Дар дили дарё бичӯяд нозҳо.

Сангтӯда – аз шарори сангҳост,
Қомати сарбанди ӯ аз нанг хост.

Сангтӯда – ҷойи дарё мешавад,
Сангтуда – нури дунё мешавад.

Об аслан аз табори одам аст,
Сангу дарё нуру нори одам аст.

Сангтуда – сад ҷаҳони дӯстӣ,
Дар раги дарёст ҷони дӯстӣ.

Сангтӯда – об созад хокбӯс,
Обу нураш қудрати Тоҷику Рус.

Сангтӯда – панҷаи касбу ҳунар,
Сангтӯда – даркушои ҳар ду дар.

Сангтӯда – ваҳдати ҷони Ватан,
Сантӯда – нангу имони Ватан.

## ШАМЪИ МАҶЛИС

*Ба хотираи Бӯринисо Бердиева*

Дар шаҳри Душанбе як бино буд,
Чун кӯҳ дарунаш аз садо буд.
Дар чанд утоқу роҳравҳо,
Пайваста зи ҳар тараф дуо буд.

Ӯ, ки ба газета раҳбарӣ дошт,
Аз рози ҳама чи дафтаре дошт.
Аз тозагии забони миллат,
Бо хурду бузург модарӣ дошт.

Бо аҳли қалам зи ғам ҳамегуфт,
Бедарди қалам ситам ҳамегуфт.
Гар шеъри таре бихонд шоир,
Сарсабз туро қалам ҳамегуфт.

Аз шоиру олимон дар он ҷо,
Маҳфил буду адабсаро ҷо.
Ӯ шамъи маҷолиси сухан буд,
Парвонаи ӯ зи ҷамъи доно.

Фарҳангу маорифи замона,
Чун ашк надошт ҳеҷ дона.
Бар мурғи дили касони ронда,
Шуд синаи ӯ ба ранги лона.

Наврӯз набуд он баҳорон,
Санги сари роҳ буд даврон.
Наврӯзи Аҷам чӣ зинда кард ӯ,
Дар шӯри замири обшорон.

Сад ҷилди газета дар идора,
Менвишт мақолаи бакора.

Мехост ҷаҳони дидаву дил,
Чун боғ шавад ба як ишора.

Мехост дар он ҷаҳони ботил,
Ботил бишавад диле, ки дар гил.
Одам, ки навои осмон аст,
Дар рози Худо бувад чунон дил.

Мехост, ки Одам одам ояд,
Оинаи рӯнамо кушояд.
Рӯзе ки шавад ҷаҳон сари даст.
Нуре ба ҷаҳони нав физояд…

Эй шеър, бирав ба гӯри он зан,
Шабҳо ту бишав чароғи равшан .
Хуршед зиёраташ биёяд,
Дар боди саҳар бигир майҳан.

## ФАЙЗОБОД

Хоки покатро ба дида ман, ки дору мекунам,
Боди кӯятро чу атри анҷибар бӯ мекунам.
Бӯсаборон даштҳоятро ба ҳулбӯ мекунам,
Чашмаҳоят бо забони шеър ҳамхӯ мекунам.

Ориёӣ гашт эҳё дар забони тоҷикон,
Дар шукуфоӣ ту гӯӣ чун равони тоҷикон.
Дар фазоиш файзу саҳроят ба хони тоҷикон,
Чун гули файзи ҷаҳон файзи туро рӯ мекунам.

Аз замини ту ҳунар чун сабза мерӯяд равон,
Саҳнааш бурҷи фалак дар сина меҷӯяд равон.
Зӯҳра маст аст аз Малика дар ҳавои нози ҷон,
Аз Қиёмиддин ба лабханди замин кӯ мекунам.

Аз дутори бодҳояш бишнавам оҳанги Дӯст,
Дӯстмарди[1] кабкрези кабкхези ранги Дӯст,
Шодии гулҳои мо гул карда буд аз чанги Дӯст.
Аз ҳамин рӯ ман ғубораттро ба абрӯ мекунам.

Кӯҳҳои сарбаландат минбари бози ман аст,
Шохаи саҳрои сабзат килки эъҷози ман аст,
Чашмҳои духтаронат чашмаи нози ман аст,
Ҷӯ ба ҷӯят нози ҷодуро такорӯ мекунам.

## ХУДШИНОС

*Эҳдо ба Ҷамъияти тоҷикони*
*Сариосиёи вилояти Сурхондарёи*
*Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

Дар забони дӯстдорон тоҷикем,
Чун нишони номдорон тоҷикем,
Дар хати мумтози даврон тоҷикем,
Дар миёни росткорон тоҷикем,
Дар ҳавои хандаборон тоҷикем.

Осиёро як сару бар омадем,
Дӯстиро мо чу модар омадем,
Дар тани олам чу дилбар омадем,
Дар бинои якдилӣ дар омадем,
Мо дар ин олам фаровон тоҷикем.

Мо Ватан дорем, беҷо нестем,
Мо ҳама ёрем, танҳо нестем.
Ҷамъият ҷамъ аст, якто нестем,
Бевафо монанди дунё нестем
Худшиноси нарми пурдон тоҷикем.

1 Дӯстмуроди Алӣ.

## ДИЛ ВА ОФТОБ

*«Он гоҳ гӯем, ки аз таъсири офтоб андар таркиби мардум дил ҳосил шуд, ки он маъдан ва маркаби рӯҳ аст ва ин олат андар ҷавф ва миёнаи ҳасад аст, чунон ки офтоб андар ҷавфи афлок аст ва зиндагии олам андар офтоб аст, чунон ки зиндагии мардум андар дил аст».*

***Аз «Ҷомеъ-ул Ҳикматайн»-и***
***Носири Хусрави Қубодиёнӣ***

Ману дарё –ду тан танҳо,
Хамӯшӣ буд дар дунё.

Чу базми мавҷ медидам,
Ба мижгон қатра мечидам.

Рубоби рӯд зери мавҷ,
Бад-ин оҳанг мезад авҷ,

Заминро зиндагӣ додам.
Чу модар зиндагӣ зодам.

Агар як дам набошам ман.
Бихушкад хок чун оҳан

Бубин ту рақси мавҷамро,
Сурурбахшанда авҷамро.

Чу одам дар сухан бошам,
Сухангӯи Ватан бошам.

Нигоҳам, нур мерезам,
Заминро дар худ ангезам.

Ҳамон оби ҳаётам ман.
Нишотам ман, нишотам ман.

Чу чанги ман наво орад,
Фазоят суда меборад.

Ҳамон мавҷам, ки дунёям,
Ба туғёнам, ки дарёям.

Дили соҳил тапид аз ман,
Зи лабхандам дамид гулшан.

Зи ман оҳанг мерӯяд
Рубобу чанг мерӯяд.

Ба дунё Рӯдакӣ додам,
Сарояд рӯҳи озодам.

Чу Румӣ ман сухандонам
Сухан рӯҳам, сухан ҷонам.

Дилам «Шаҳнома»-хон бошад,
Забони ман ҷаҳон бошад.

Ҳамин дам санг дод ово,
Чаро ту меҷаҳӣ боло.

Шарорам, гуфт ар сангам,
Саропо ҷуръату нангам!

Ба одам оташ овардам,
Чу оташ покиаш додам.

Чи оташ бар забон дорам,
Ба ҷон, аммо ниҳон дорам,

Зи дил ҳарфе агар резам;
Чу кӯҳ, аз ҷой бархезам.

Чу соҳил ин сухан бишнид,
Матои мавҷро бидрид.

Нагӯ, – гуфто сухан беҷо,
Куҷо бе ман бувад дарё.

Саҳар чун офтоб ояд,
Ҷаҳон аз қайди хоб ояд.

Яке аз дил садо омад,
Чӣ посухе ба ҷо омад.

Бигуфто: кулли оламро,
Ва обу хоку одамро,

Табиат зиндагӣ додаст,
Чу ман поямдагӣ додаст.

Таборам нури хуршед аст,
Мадорам нури хуршед аст.

Ба рамзе гар чу обам ман,
Зи ашки офтобам ман.

Ҷаҳонро равшанӣ додам.
Замину осмон зодам.

Замин аз нури хуршед аст.
Само аз сури хуршед аст.

## ОФТОБИ АДЛУ ДОД

*Илҳом аз Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар ин оина рӯи худ бубинӣ,
Зи гулбуни ҳақиқат гул бичинӣ.

Агар ташна бимонӣ, об ин ҷост,
Ки чандин ҷӯй як ҷо гашта дарёст.

Биёбад зиндагӣ бахти гулафшон
Бигирӣ дар амал гар аз дилу ҷон.

Саросар як китоби адлу дод аст.
Ватандори ватанро нек додаст.

Чароғи рӯзгори миллат аст ин,
Шукӯҳи офтоби давлат аст ин.

Ҳабиби ҷумла олам Парчами мост,
Нишони давлати мо, дар ғами мост.

Дили миллат зи Сарқонун сарояд
Ҳумои бахт бар мо пар кушояд.

Ҳамон рамзи баҳори бехазон аст,
Баҳори Тоҷикистон ҷовидон аст.

## ЛОЛАИ ДОҒ

*Дар сӯгворecho фарзандам Фаррух*

Чун шароре хуни ӯ аз санг рехт,
Чун саҳар аз синаи ӯ ранг рехт.
Тири қотил барқсон ҷонаш шикофт,
Ҷони покаш ҷои худ дар нур ёфт.
Ҷони ӯ аз нур буду меҳр рафт,
З-ин ҷаҳони бедилу бемеҳр рафт.
Аз гиребони саҳар хунаш гирифт,
З-ин шафақ гардун намесӯзад шигифт!
Нолаҳои ин замин аз хуни ӯст,
Ин сухан аз хуни ӯ чун лола руст:
«Чарх меафтад ба хунаш як замон,
Аз ҳамон тире, ки аз ӯ бурд ҷон.
Ин фалакро хуни ноҳақ бишканад,
Чархи каҷрафторро Ҳақ бишканад».
Ин замину осмон ранги вай аст.
Ҳафт баҳри сабз ҳамсанги вай аст.
Ҷони одам аз нафасҳои Худост,
Қотилон андар қафасҳои Худост.

## РАҲКУШО

Дилеро ба дил раҳкушое манам,
Ҷаҳони ҷафоро вафое манам.

Агар бад нагӯӣ, хазонат мабод,
Дигар наштари ғам ба ҷонат мабод.

Сари ростиро ту аз хеш ҷӯй,
Бадӣ гар надорӣ, бадонро мапӯй.

Яке роҳ ҷӯям ба нури Расул.
Танамро бишӯям ба нури Расул.

Замин гарчи модар барои ман аст,
Ватан –Тоҷикистон сарои ман аст.

Сари ман аз ӯяст кӯҳе баланд,
Биболам аз ӯ ман ба рӯҳе баланд.

Ҳама хизмати ман чи ҷои дам аст,
Бубахшам ҳамин ҷон агарчи кам аст.

Ватан осмону замини ман аст,
Ватан донишу илму дини ман аст.

Ватан гар набошад кафан, гӯр нест,
Ки дар ҳар ду олам маро нур нест.

Сари тахти ман –хоки поки ман аст,
Шаҳам ман, ниёям Ҷами майҳан аст.

## СУРАТГАР

Рӯҳи Монӣ дар дуои шеваи суратгарӣ,
Шеър бардорад нигоҳат дар ҳавои Анварӣ.
Сурате гар мефитад аз хонаи чашмат ба каф,
Осмон ҳайрон бимонад аз куҷо омад парӣ.

Аз ҳунар нақше фузудӣ дар бинои зиндагӣ,
Чун арӯси даҳр омад бар забон ҳарфи дарӣ.
Ҷон дарорӣ чун Масеҳо суратеро аз нафас.
Сурати ту ишқ бозад бо ҷаҳони дударӣ.
«Исми аъзам» аз хати тақдири дастат омада,
Хома бо сад роз омад бар кафат аз доварӣ.
Ҷодаи эҷод аз мавҷи таҷаллӣ рехтанд.
Нурборон аст килкат з-офтоби дафтарӣ.
Рӯдакӣ гар осмони шеърро овард зер,
Ту ба боли нури сурат бар фалакҳо мепарӣ
Чун матои шеъри Исо дар Ватан беқурб нест,
Равнақи бозори худ бар Чину Ҳиндустон барӣ.
Аз ҳунар як кишвари дигар кушодӣ, дӯстам.
Ман чи гӯям, Монии дар олами суратгарӣ.

## БА ДЕҲҚОН

Фалак саҷда овард пешат ба меҳр
Ҳадисаш зи ту то фалак суд чеҳр:
Заминро хати сабзи дил додаӣ,
Ҷаҳонро зи каф обу гил додаӣ.
Ба каф хок гирӣ, чу дил метапад,
Ту ҷони заминӣ, ки гил метапад.
Чу набзат натобӣ ниҳонӣ ба чашм,
Бале, бар тани ризқ ҷони ба чашм.
Кафат файз дода ба хони ҷаҳон.
Ҷаҳонро ҷаҳонию ҷони ҷаҳон.
Дили ту кушода мисоли замин,
Диҳӣ об онро зи ҷӯи ҷабин.
Навои каландат ба ман ошност,
Ки гардаш ба чашмам ҳамон тӯтиёст.
Мадори заминӣ, чу тири замин,
Мададгори онӣ, чу пири замин.

## КОШ...

Кош, қавме чун тану ҷон мешудӣ,
Хешро аз бад нигаҳбон мешудӣ.
То ба дашти хушк борон мешудӣ,
Ахтаре дар чашми Кайҳон мешудӣ,
Офтоби Тоҷикистон мешудӣ.

Дӯстӣ аз ҳар ду чашмат кун қиёс,
Абрӯвонат моили ҳам бо сипос,
Ҳар ду лаб байтест гӯё иқтибос
Хотири ҳам дастҳо доранд пос,
Аз чӣ ҳамчу мӯ парешон мешудӣ.

Ин замин дар чархи худ поянда аст,
Одамӣ бо суннати худ зинда аст.
Чун нафас пайвастани оянда аст,
Ҳар ки асли худ надонад, банда аст!
Кош, ранги Оли Сомон мешудӣ!

Ҳамчу дунё қавми пирӣ, з-ин камӣ,
Решаат чун кунда пӯсад, беғамӣ,
К-аз забонгумкардагони оламӣ,
Аҳли олам бахшадам, ту н-одамӣ,
Кош, одам на. ки ҳайвон мешудӣ.

Бар замин чун бори ноҷо омада,
Чун хасе аз сели дарё омада,
Рондае аз ҷадди Ҳавво омада,
На чу Исо баҳри фардо омада,
Кош, бо мӯъҷиз Инсон мешудӣ.

## ТУТИЁ

Гарди рӯятро Ватан ман тутиё созам ба чашм,
Аз ғубори домани даштат даво созам ба чашм.
Панҷа созам пеши боронат ба мижгон, ҷони ман,
Ашкҳои шири борони ту ҷо созам ба чашм.
Ҳар саҳар дил дар қафас монанди шабнам метапад,
То барояд офтобат ман зиё созам ба чашм.
Аз сари сидқу вафо бар дида орам гар каҳе.
Як хаси ту кам мабодо, ин дуо созам ба чашм.
Обу донат ҳамчу шири модарӣ донад касе.
Бо ту монад рӯзи сахтӣ, то имо созам ба чашм.
Ҳар киро чун гул гирифтӣ дар барат хорат намуд,
Зарфурӯшонанд хоин кай хато созам ба чашм.

## САД БАҲОР ОЯД АГАР…

Марги ман чун мерасад аз осмон,
Пайкари ман хок мегардад яқин.
Обу хоку оташу бодаш манам,
Колбадҳо ҳаст нерӯи замин.

Гар намирад одамӣ донам, ки ман,
Чархи гардон бишканад чун осиё.
Нест гардад офтобу ахтарон,
Сурмае дар чашм мегардад садо.

Ахтаре тавлид мегардад зи нав,
Ҳар гаҳе мо, хокиёнро мехӯрад,
Дар фанои мост дунёи дигар,
То абад пиру ҷавонро мехӯрад.

Дар фалакҳо сад хато иншо шавад,
Одамӣ то ки бимонад зери ғам.

Кас надорад нозире андар само,
То нагардад чун ғуборе аз алам.

Рӯзу шабҳо дар дилам доғи нав аст,
Донаи тан аз шумурдан кам шавад.
Чарх моро мехӯрад чун осиё,
То нафасҳо дар мадораш зам шавад.

Кистам ман? Ҷовидона нестам,
Дар ҷаҳон аз як гиёҳе камтарам.
Сабзае дар санг мерӯяд агар,
Сад баҳор ояд нарӯям, абтарам!

* * *

*Барои Искандар Лашкаров*

Абри нома нам-нами борон зада,
Бар замини сабзаҳои ҷон зада.

Аз азал бо номаи ҷон омадӣ,
Чун сухан дарёи марҷон омадӣ.

Ҳар сухан дар дил шарори санг гашт,
Номаҳо аз боғи дил ҳарранг гашт.

Дар нигоҳат ахтари резон шуда,
Рози мардум номаи печон шуда.

Номаҳо аз Каҳкашонат омада,
Нони гарме рӯи хонат омада.

Дар ҷаҳони номаҳои кафтарӣ,
Номаи нав, олами нав мебарӣ.

Номаи дил бар дили дигар барӣ,
Рӯи маҳ гӯё гили дигар барӣ.

Хомаи дил рӯи дафтар мекашӣ,
Дар замини сина кафтар мекашӣ.

То фазои сина парвозаш диҳад,
Офтоби ишқ овозаш диҳад.

Чун саҳар бо шабнами килкат навис,
То равад бар офтобат ин ҳадис:

Олами дилро сухан поянда гист,
Худ сухан гуфтан ҷаҳони зиндагист,

Ин ҷаҳон мирад, сухан поянда аст,
Гар сухан бошад суханвар зинда аст.

Эй суханвар, роз дорӣ дар кафат,
Ту хати парвоз дорӣ дар кафат.

Ҳар хати он номаи тақдир гашт,
Посбони сар забони тир гашт.

Нур резад боз бар нури дигар,
Нури шодӣ, номаи сури дигар.

Номаҳо чун чашмаҳои кӯҳсор,
Муждаёби дидагони пурхумор.

Гарчи ҳарфи роҳҳо ҳамвор нест,
Чун садо дар пеши он девор нест.

Ҳар гаҳе ой зи роҳи Оби Гарм,
Дар бағал Элок гирад нарм-нарм.

То шамолаш раҳнамои ту шавад.
То Душанбешаҳр ҷои ту шавад.

## ЁДКАРДИ ПИРИМҚУЛ САТТОРӢ

Куштанд варо, хуни сараш дар сари роҳе,
Аз хоби ту он хун кашад имрӯз ҳам оҳе.
Имрӯз надорад хуни ту пушту паноҳе,
Афканд варо қотили ӯ дар дили чоҳе.
Бегӯру кафан рафт, кафан хоки сиёҳе.

Эй хок бигӯ, он қаламе шеър куҷо рафт?
Эй бод бигӯ, нолаи тақдир куҷо рафт?
Эй Вахш бигӯ, мавҷи сухангир куҷо рафт?
Эй санг бигӯ, вазни сари тир куҷо рафт?
Ӯ рафт чу Исо ба фалак зинда чу моҳе.

## ДАРВОЗАИ БАХТУ САОДАТ

*Илҳом аз қиссаи «Нақби Истиқлол»-и*
*Бахтиёри Муртазо*

Садо ҳам роҳ дар Анзоб мечуст,
Зи килки нақбзан Маҳтоб мечуст.

Яке фарёд омад аз дили кӯҳ,
Садоям, базмгоҳам маҳфили кӯҳ.

Садоро гар набошад роҳ бар кӯҳ
Тани кӯҳ аст ҳамчун ҷисми берӯҳ

Биё, Анзоб бикшо роҳи миллат,
Чаро дардат нагӯӣ, чист иллат?

Сари худро ба пеши одамӣ мон,
Ҷаҳон н-арзад ба хоки пои инсон.

Вале Анзоб аз дил ин садо кард,
Садояш буд гӯӣ сарбасар дард.

Агар ман дил кушоям, одам ояд,
На як одам, тамоми олам ояд.

Манам кӯҳе, ки авҷам об бошад,
Саросар оташи Анзоб бошад.

Агар хоҳӣ шавад сангат ҳама баҳр,
Агар хоҳӣ, кушоям сад дари шаҳр.

Вале раҳ дар ҷабини ман набошад,
Агар бошад ба дини ман набошад.

Шарори синаам мемирад имрӯз,
Шабонро ӯ насозад фарқ аз рӯз.

Ба ногаҳ зад садои барқсоне,
Абармарде, ба дил ғунҷад ҷаҳоне.

Ба Анзоби ҳама сангӣ чунин гуфт,
Шарори ту набояд дар ҷигар хуфт.

Бубояд, ки дилат дарвоза гардад,
Ба мисли Бесутун овоза гардад.

Зарур ояд ба дандон роҳ кобем,
Дар Анзоби фалак моҳтоб ёбем.

Ба як ҳарфе раиси ҷумҳури мо,
Чу муме кард қалби санги хоро.

Агар пурсӣ, ҳамон Эмомалӣ аст,
Китоби ақлҳоро ӯ валӣ аст.

Нигоҳаш нақби Истиқлол овард,
Раҳи бикшодааш иқбол овард.

Ҳамин роҳи ҷанубию шимолӣ,
Чу нуре дар дили кӯҳ аст ҳолӣ.

Душанбею Хуҷанди бостонӣ,
Аз ин дарвоза ҷуста комронӣ.

Даме андешаи ин роҳ кардам,
Забони хомаро пуроҳ кардам.

Чӣ мардоне дар ин кӯҳсори оташ,
Зи по афтода дар чоҳи кашокаш.

Биёмад нақбзан Мафтун ба Анзоб,
Зи нақби Данғара, аз роҳи пуроб.

Дар ин ҷо хатм гашта нақби обӣ,
Китоби об дода сатри нобе.

Ду ҷӯра Шералӣ, Ҷобирбек ҳам
Ба Мафтун пайравӣ карданд он дам.

Алии Мӯсавӣ ин ҷо сарӣ кард,
Бинои нақбро вай ду дарӣ кард.

Зи Эронам забони кӯҳ донам,
Муҳандисвор ҷони кӯҳ донам.

Ҳама тоҷику эронӣ дар ин ҷо,
Раҳе созем нури меҳри дилҳо.

Суханро хаттӣ карду сарварӣ кард,
Чу сарвар бо ҳама ӯ додарӣ кард.

Ҳамон рӯзе, ки аз бикшодани роҳ,
Тамоми мамлакат гардид огоҳ.

Расид Аҳмад Нажоди шоҳи Эрон
Бари Эмомалии шоҳи моён.

Ҷанубе бо Шимол иқбол доданд,
Ки номаш нақби Истиқлол доданд.

Ҳаворо мурғи шодӣ паркушо буд,
Уқоби нози Мафтун дар ҳаво буд.

## НУРИ ИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон, нури истиқлоли ту
Омад аз иқболи ҳар як соли ту,
Нағз омад фоли ту.

Осмон бахти сафедат офарид,
Пардаи шабҳои ғафлатро дарид,
Офтоби нав дамид.

Офтоби нав бароят сулҳ буд.
Нури онро ҷо намудӣ дар вуҷуд,
Иқтидоратро фузуд.

Нури ваҳдат бар сарат тоҷе ниҳод,
Дастагул аз кӯҳи вартоҷе ниҳод,
Минбари оҷе ниҳод.

Нури ҳар ду дидаи ту ваҳдат аст,
Замзами ояндаи ту ваҳдат аст,
Зодаи ту ваҳдат аст.

Сад Бухоро рост кардӣ дар дилат,
Тоҷики олам биёмад маҳфилат,
Ҷамъ шуд оби гилат.

Оли Сомонат Душанбешин шудаст,
Осмони шаҳрро Парвин шудаст,
То абад сокин шудаст.

Бар ҷаҳон гӯӣ, ки дар сабки дарӣ,
Рӯдакӣ бар шоирон зебад сарӣ,
Гар ба шеъраш бингарӣ.

Ҷашн дорад ҳамраҳат халқи ҷаҳон,
Зодрӯзи Рӯдакии тоҷикон,
То забон монад ҷавон.

Рӯдакиро боғ додӣ, манзара,
Ҳайкале гардид дар боғи сара,
Шаҳр нозад яксара.

Пойтахтат шуд биҳишти ин замин,
Сидраи вақт аст дар арши барин.
Дидаҳоро шуд нигин

Нурхезият раҳи Анзоб сохт,
Дидаи Анзобро беоб сохт,
Нақбро бехоб сохт.

Дӯстӣ ин нақби дунёро кушод,
Тоҷику эронӣ бунёдаш ниҳод,
Халқро бинмуд шод.

Роҳи дилҳо ном додаш халқи ту,
Синаҳоро гарм созад гуфтугӯ,
Ранҷ орад обрӯ.

Роҳи оҳан то ба Ёвонат расид,
Хони неъмат бас зи Қӯрғонат расид,
Мадҳи давронат расид.

Аз гиреҳи роҳҳо берун задӣ,
Дар кушоди ҳар гираҳ нохун задӣ,
Сохтан қонун задӣ

Аз миёни кӯҳсору ағбаҳо,
Рафт Чин ҳамвор мошин роҳҳо,
Нақлу ҳамли борҳо.

Барқхона кардаӣ ту Вахшро,
Дар кушоӣ боз садҳо нақшро,
Ром кардӣ Рахшро.

Файзи Истиқлоли ту чун чашмасор,
Аз дили ҳар санг ҷӯшад нуру кор,
Ҳамчу Норак нурбор.

Тоҷикистон нури дарёҳои ту,
Офтоби хонаи дунёи ту,
Ваҳдатӣ яктоӣ ту.

## ҚАДАМГОҲИ ЁР

Хоки поят сурмаи чашмонаме,
Аз қадамгоҳат бирӯяд ҷонаме.

Бар ғазал бахшида накҳат мӯи ту,
Дар сафои сина бин райҳонаме.

Аз лабат хӯрд об оби зиндагӣ,
Варна кай мешуд ба тан меҳмонаме.

Синаам аз сӯзи ишқат дар гирифт,
Рез аз лаб нам-нами боронаме.

Байти абрӯи ту маънӣ ҷӯш дод,
Вой-войи шеъраки вайронаме.

Хоки поят сурмаи чашмонаме,
Аз қадамгоҳат бирӯяд ҷонаме.

## НАВРӮЗИ ҒАМСӮЗ ОМАДАСТ

Ҳар шохи сабзи гулфишон,
Ҳам мурғакони нағмахон.

Ҳам сояи абри равон,
Зӯҳрои чангӣ з-осмон.

Гӯянд: Наврӯз омадаст,
Наврӯзи ғамсӯз омадаст.

Бодом –арӯси гулбасар
Дар кӯчаву кӯҳу камар.

Ҳар сабза гӯяд аз дигар
Бо лаҳни мурғони саҳар:

Бархез, Наврӯз омадаст,
Наврӯзи ғамсӯз омадаст.

## ДОСТОНИ НАКӮМАРДИ ФАЙЗОБОДӢ

Ба каф родмардӣ, ба дил ҳақпараст,
Ба сар тоҷи давлат аз онат нишаст.

Дилатро бишустӣ зи рашку ҳасад,
Ба ҷуз ранҷ бурдан, чӣ беҳтар бувад?

Дилат, ки ба набзи замин рост буд,
Аз он бар ту омад чунин як дуруд;

Ҳар он к-ӯ навозад чу тифле маро,
Дари ганҷҳое кушоям варо.

Бимирам, бубинам агар коҳилӣ,
Ки бошад ҳусулаш ҳама ҷоҳилӣ.

Нахустин ба ёди бузургони кор,
Ба бобои деҳқон, ба рӯҳу мазор.

Ба авлоду пушту абою ниё,
Ба исми паямбар – расули Худо.

Намоз оваридӣ заминро ту чанд,
Ҳам аз Дӯстмарди[1] ба ҳиммат баланд!

Зари сурх гардид хоки сияҳ,
Ба ҳосил даромад зи ҳиммат гияҳ.

Биёяд ба наздат ба кӯмак касе,
Бубахшоӣ ӯро зи молат басе.

---

[1] Дӯстмард – сардори хоҷагии деҳқонии «Дошмандӣ»-и ноҳияи Файзобод Дӯстмурод Ҳакимов дар назар аст.

Ба деҳ гар ҳабибе бигардад мариз,
Табибе биёрӣ зи нақдат ту низ.

Ятиму ғарибон бихонӣ ба хон,
Ба лутфу навозиш кушоӣ забон.

Ба тӯю ба суру ба базму азо,
Заминсон кушоӣ, ту дасти сахо.

Касе гар бигӯяд ба номи ту зишт,
Мадоро намоӣ зи боғу зи кишт.

Ба гӯшат биёмад зи Чувезамин,
Ки деҳ об бар ман зи ҷӯи ҷабин.

Аз он ҷо кушудӣ чу Ҷӯи Калон,
Ба Дашти Камолӣ биёмад равон.

Ҳама ранҷу заҳмат якояк бидид,
Дигар як биҳиште биёмад падид.

Зи гандуму ҷав, ҳам зағиру нахуд,
Расонӣ, надонӣ шумораш ту худ.

Зи аспони тозӣ, зи мешу зи буз,
Ба дашту ба саҳро физоӣ нуфуз.

Фузудӣ зи меши Ҳисорӣ рама,
Бад-ин кор хонанд таҳсин ҳама.

Туӣ рахшпарвар, кушодӣ кушод[1],
Туро ақли комил бад-ин ёд дод.

---

[1] Кушод – ба маънии корхонаи асппарварӣ омадааст.

Зи маҷмӯи аспон яке зоти Рахшт,
Хурӯшон хурӯшад чу дарёи Вахшт.

Ба кирдори Рустам нишастӣ бар он,
«Зиҳӣ» гуфт мардум кушода забон.

Агар ранҷ бурдӣ, ҳамин аст ганҷ,
Зи тан рафт ин дам туро дарду ранҷ.

Азизӣ ба чашми ҳама мардумон,
Туро рост бошад равону забон.

Наёлудаӣ забонро ба бад,
Намонад ниҳонӣ худои абад.

Заминро чу модар парастӣ ба дил,
Бидонӣ, к-аз онӣ ба обу ба гил.

Ватанро сазовор фарзанд ту,
Ту ҷонӣ, ба пайванд пайванд ту.

Туро «Бой» гӯянд, Доси бурут,
Биёбӣ парастиш ба ҳар ҷо чу бут.

Аё Файзобод аз ин марди зӯр,
Биёбӣ ту ганҷу биёбӣ ту сур.

Чу зар дар кафи Тоҷикистон тӯӣ,
Ки гул-гул кушоӣ, гулистон тӯӣ.

Забоне нагӯяд туро ҳеҷ зишт.
Биёроӣ кишвар чу хуррамбиҳишт!

# ГУЛЧӮШИ НАВРӮЗӢ

*(Дубайтиҳо)*

Ҳаво Элокро чун ҷом мезад,
Ба борон табли ҳар як бом мезад,
Чунон як базми рақси қатраҳо шуд,
Садо дар кӯҳсорон гом мезад.

Баҳор омад, вале ёрам наёмад,
Ба пурсиш он гули зорам наёмад.
Рубоби дил ғазалхон боғ рафтам,
Ҷавоби нағмаи торам наёмад.

Шабаш гуфтам, биё зии сафедор,
Вале рӯз омаду н-омад ҳамон ёр.
Саҳар бигриставу оғӯш кардам,
Сафедори баланди раҳ чу дилдор.

Паёми рӯзи нав овард Хайём,
Ба мо Наврӯзи нав овард Хайём.
Даруни сина ин оташ нигаҳ дошт,
Диле аз сӯзи нав овард Хайём.

Баҳор омад гули рӯят маро беҳ,
Гули садбарги ман, бӯят маро беҳ.
Баҳор оё зи ту кӯе бибурда,
Ки мебинам ҳама кӯят маро беҳ.

Биё, ки шаб даромад шабравӣ беҳ,
Ба шабҳо дам ба дам ҳамлабшавӣ беҳ.
Ҳазору як шаби дерин чӣ хонӣ,
Ҳазору як шаби худро қадам неҳ.

Чу борон майда-майда мӯй дорӣ,
Чу моҳи шаб дурахшон рӯй дорӣ.
Гули аз баъди боронӣ, азизам,
Чаро ки бӯй андар бӯй дорӣ.

Кашидам суратат дар коғази дил,
Дурахшад з-ин ҳамеша орази дил.
Мақоми ту баланд аст, офтобам,
Нигаҳ дорам туро дар гунбази дил.

Баҳор омад, гули Ҳелок бишкуфт,
Сияҳгӯшаш зи гӯши хок бишкуфт.
Ман ин гулро гули сад доғ хонам,
Зи доғаш дар ниҳоди Рок бишкуфт.

Баҳор омад, замин то осмон гул,
Забони тоҷикии духтарон гул.
Чу Иқболи фалакпаймош гӯяд:
Ҳама Миррихиёнро ин забон гул[1].

Баҳори ҳафтранг омад ба боғам,
Навои таблу чанг омад ба боғам.
Аз он тиру камони сабз дар сабз,
Қабои ғунча танг омад ба боғам.

Зимистон рахт басту навбаҳор аст,
Гулу булбул зи нав дар шохсор аст.
Ҳадиси ишқ мегӯянд ҳар дам,
Суруди ҳар ду олам ишқи ёр аст.

Баҳорон неши хоре хӯрдаам ман,
Ки то гул аз канорам бурдаам ман.
Бигир, эй ҷон, ки хораш гул шуд аз ишқ,
Зи ишқи ту баҳор овардаам ман.

[1] Ишора ба он шеъри Иқбол, ки дар фалаки миррихиён ба забони дарӣ ҳарф мезананд

Саҳар гавҳар бирезад дар баҳорон,
Зи пистон ҳамчу модар абри гирён.
Замин гаҳвораи ин осмон аст,
Ҳамеша дар нумӯ аз ширборон.

Ба наврӯзӣ расидӣ гул, муборак,
Навои дилкаши булбул, муборак.
Қадаҳ андар қадаҳ ҳар лола гӯяд,
Ба гӯши шишаҳо қул – қул, муборак.

Ба наврӯзӣ зи «Лоластон»[1] қадаҳ гир,
Зи ҷоми лолаи нураш фараҳ гир.
Ҳама ин достон як гулситон аст,
Биҳишти нур ин ҷо, нури раҳ гир.

Баҳори ӯ табассумрези боғ аст,
Вале «Лоластон» ҷои фароғ аст.
Шабонро мефурӯзад хомаи ӯ,
Дили ҳар сатри ӯ ранги чароғ аст.

Биё, дар синаам Наврӯз дорам,
Ҷигар хун кардаам сад сӯз дорам.
Агар шеъри баҳорие нагуфтам,
Баҳори ишқи ту маҳфуз дорам.

Ба боғон боди фарвардин диҳад ҷон,
Зи ишқи гул ҳазорон масту ғалтон.
Зи ҷайбаш ғунча сар оварда гӯяд,
Шукуфтан гӯ, шукуфтан хон, шукуфон!

---

[1] Номи китоби Зиё Абдулло.

Ҷавон аст ин Ватан, пирӣ надорад,
Биҳишт аст ин чаман, пирӣ надорад.
Мисоли дил намирад, ҷовидон аст,
Ки ҳамчун ҷон ба тан пирӣ надорад.

Аё Ҷамшед, наврӯзи ту омад,
Шароби даври ғамсӯзи ту омад.
Чу нури ин саҳар дидам арӯсам,
Ба қадди дил чакандӯзи ту омад.

Ту сар дорӣ, вале савдо надорӣ,
Ҳама дорӣ, дили моро надорӣ.
Намеёбӣ раҳу рӯи суханро,
Қалам дорӣ, алам аммо надорӣ.

Нигаҳ кардам, нигоҳи ошиқона,
Кашидам оҳ, оҳи ошиқона,
Дар ин дунё, ки оғозаш гуноҳ аст,
Гунаҳ кардам, гуноҳи ошиқона.

Бинӯшӣ об аз ҷӯи ҷавонӣ,
Кунад кошонаат бӯи ҷавонӣ.
Ба сӯи ту равон гардам чу шабҳо,
Гумонам, меравам сӯи ҷавонӣ.

Натарсад ин замин аз деву аз дад,
Битарсад сахт лек аз нокасу бад.
Зи тири хештан тарсе надорад,
Замин аз тири одамҳо битарсад.

Гурӯҳе ҷонфидову чорасозанд,
Барои зиндагӣ гаҳвора созанд.
Гурӯҳе порахораш, лек ҳар ҷо
Заминро мисли тарбуз пора созанд.

Чи ҷӯи шеър, дарди дил набошӣ,
Чу огаҳ аз набарди дил набошӣ,
Мазан дар пеши шоир лофи мардӣ,
Ту мардӣ, лек марди дил набошӣ!

Ҷавониам гузашту дар сафар ту,
Ҷавониам гузашту бехабар ту.
Агарчанде баҳор асту баҳор аст,
Нарӯйӣ дар замини дил дигар ту!

Чу деҳқон донаҳо дар гил бикорад,
Ба дил андешаи ҳосил, бикорад.
Қаламсон хешро шоир хӯрад лек,
Яке тухми сухан дар дил бикорад.

Гаҳе бӯсидаам барги тареро,
Гаҳе бӯсидаам пеши барeро.
Гаҳе бӯсидаам санги мазоре,
Гаҳе бӯсидаам санги дареро.

Сару савдои мо, эй гул, ҷудо монд,
Дари дунёи мо, эй гул, ҷудо монд.
Лаби ту гарчи омад бар лаби ман,
Вале дилҳои мо, эй гул, ҷудо монд.

Саросар ҷисму ҷонат пур зи дард аст,
Насибат осиёи пур зи гард аст.
Ту аҳли заҳматӣ дур аз назарҳо,
Ба қадрат мерасад ҳар кас, ки мард аст.

Ватан яктою пурсӣ, аз куҷоӣ?
Зи як хокему андозӣ ҷудоӣ,
Бирав, омӯз аз модар, ки корад
Миёни мо гияҳмеҳри давоӣ!

Аз он фахрӣ, ки дорӣ пахтазоре,
Бичинӣ пахта бо шеъри шиорӣ.
Ба пеши ҳар ниҳоле саҷда орӣ,
Дигар ҳосил нагирӣ ғайри хорӣ!

Раҳи ноошно мепӯям имрӯз,
Ҳар он чӣ дар дилам, мегӯям имрӯз.
Аз он тарсам, ки фардо нестам ман,
Зи фардо хешро меҷӯям имрӯз.

Нигоҳат, ҷони ман, обам бидода,
Лабонат бодаи нобам бидода.
Задам бар мӯи шабранги ту бӯса,
Шаби мӯи ту маҳтобам бидода.

Нидо омад, ки аз хоби гарон хез,
Агар рӯзона хобӣ, ту шабон хез.
Ҷаҳонӣ ту, ҷаҳон ҳаргиз нахуспад,
Ту аз ин тири дунёят ҷавон хез.

Қумондон дар сарое з-анбару мушк,
Бинозад з-он ки дорад сарвату кушк.
Вале сарбози ӯ монанди ришта,
Шабушки сӯзанаш танро кунад хушк.

Гадое бар гадое душманӣ кард,
Ки гуфто: рав зи наздам рӯканӣ кард.
Ба базме низ дидам шоиреро,
Ба ҳарфи ёвае бас ман-манӣ кард.

Ба ҳангоми ҷавонӣ тир хӯрдӣ,
Ба маҳбас силии занҷир хӯрдӣ.
Агар, ки мақсади ту худкушӣ буд,
Чаро ки тир нею шир хӯрдӣ.

Ҳама шоҳанд дар мо як гадо не,
Паямбар беҳисобу як Худо не.
Чу полизи Ватанро лош карданд,
Дареғо, бар Ватандуздон ҷазо не.

Ба сарбозӣ маро бурданд як рӯз,
Суруди миллатам хонданд бо сӯз.
Сари ман сад қумандон дод фармон,
Ки танҳо саф кашам дар иди Наврӯз.

Гаҳе Сосон, гаҳе Сомониам, гуфт,
Зулайхоро Юсуфи сониам, гуфт.
Вале бар ину он карданд собит,
Сазад гар қаҳрамонам, хониам, гуфт.

## РЕЗАҲО

Ҳар киро дил ҳамчу субҳи содиқ аст,
Сурмаи хуршед мемолад ба чашм.

Зиндагӣ бошад ғанимат бо ғаму бо шодияш,
Дар миёни хору хас хандидани гулро бубин.

Бош бо худ, ҳар қадар боло равӣ,
Гар равӣ аз хеш, аз дилҳо равӣ!

Чи мепурсӣ зи кишту ҳосили ман,
Ман аз аҳли дилам, пурс аз дили ман.

Агар хоҳӣ ту, бо мо ҳамнишин бош,
Фаришта бошӣ ҳам, рӯи замин бош.

Дареғо, тоҷи Кай афсонае шуд,
Дареғо, ҷоми Ҷам паймонае шуд.

Дилам чун соғару хун –бодаи ӯ,
Сириштамро аз ин ҳарду сариштанд.

Хӯрдаам бо хуни дил савганди шеър,
Хешро то кардаам пайванди шеър.

Нест савдои сари бозорҳо кори сухан,
Сар бубояд дод охир дар таҳи дори сухан.

Мурод аз зиндагонӣ инқилоб аст,
Бимирад миллате, ки мурдахоб аст.

Сарбадорам, ҳалқаи мӯи ту мебояд маро,
Марди роҳам, кулчаи рӯи мебояд маро

Беҳуда санг мезанӣ моро ту, эй ҳасуд,
Оинаи муҳаббати мо санг бишканад.

Гардидаам ҳавоӣ зи ишқи фариштае,
Аз хокдон бихезаму бар осмон равам.

Ман донаву гил ҳастам, афсонаи дил ҳастам,
Дар чоҳи шаби ялдо, ман шамъи Чигил ҳастам.

Ғанимат аст ҳар даме барои мо,
Исодами туам, даме маро биёб.

Хуршед хаста асту замин хастатар аз ӯ,
Ду пири хастаанд, вале гом мезананд.

Эй бода, хуморат ку,
Эй ишқ баҳорат ку?

Гардида тиҳӣ майдон,
Эй гард, саворат ку?

Бо ҳар кӣ ҳарф мезанӣ, санҷида ҳарф гӯ,
Теғи бараҳнаи сухан, дилнишона аст.

Сӯхтам чун лолаву дилхун шудам,
Аз сарои обу гил берун шудам.

Зи ҳам дар кӯчаҳо мо мегурезем,
Вале аз худ куҷо мо мегурезем?

## МУНДАРИЧА

Офтоби ҷовидон ..........5
Набзи Роғун..........6
Файзи истиқлол ..........7
Имоми Аъзам ..........9
Набзи роҳ ..........11
Ситорапар ..........12
Боз чун Чӯбина аз Рай омадам ..........13
Сози ман аз сӯз мегирад наво ..........13
Каҳрабои меҳр ..........15
Бодаи лаб ..........17
Нафасвор «Қонун» чу Сино шуда ..........17
Дафтар ..........18
Озод зӣ ..........19
Чароғи аҳду паймон..........19
Навои Сурхоб ..........20
Чу ӯ имрӯз тобеи сухан ку?..........21
Ҳама роз аст овозат ..........21
Кушо ..........22
Яғмо ..........23
Ид аст ..........24
Дар сайри бӯстон мешавам ..........24
Шевани шубони пир ..........25
Чашми биҳиштӣ..........25
Ман навоям ..........26
Элок ..........26
Ғазали Ватан ..........27
Дар сӯгвории Ато Муҳаммадҷонов ..........27
Шукӯҳ ..........28
Девори Ватан ..........29
Паёми сулҳ ..........30
Баҳори ноз ..........30
Ҷони иқтисод ..........31

Овози Турсунзода ....................................................31
Аз фарози ин Ватан ояд нидо ....................................32
Дуо .........................................................................33
Савти танбӯр .........................................................34
Ишқи поки дӯстдорон бесухан сар мешавад .........34
Ҷаҳл бошад хумби маст .........................................35
Сангҳои захмин .....................................................35
Падар .....................................................................36
Гуноҳе нест ...........................................................37
Баҳория .................................................................38
Парии шеър ...........................................................38
Шаҳрзоди ишқ .......................................................39
Ҳамдиле пайдо шавад ...........................................40
Аз зулф союам кун ................................................40
Суроғи рӯи тобонат ................................................41
Оташи дил ..............................................................42
Таронаи ишқ .........................................................42
Нигори сабз ..........................................................43
Илҳом.....................................................................43
Ёдам омад рӯзи марги модарам ............................44
Агар ёрам набуд .....................................................45
Қалам .....................................................................46
Замин зоянда омад, ҳосилаш ту ............................47
Ба камондорон .......................................................48
Дардошно ..............................................................49
Сабки хатлонӣ ........................................................50
Худоро куштаед .....................................................50
Сарвари васл ..........................................................51
Фарёди дил ............................................................52
Садоқат .................................................................52
Орзу .......................................................................53
Дар сӯгвории Мирсаид Миршакар .......................54
Ҳамреша ...............................................................54
Вахш .....................................................................55
Ғамбарор ...............................................................56

Душманро бирон ....................................................57
Хандаи ишқ ....................................................59
Ба ёди Кароматулло Қурбон ....................................................60
Ғазали дарё ....................................................60
Рӯдакӣ ....................................................61
Шири борон ....................................................62
Ман миёни аҳли хунӣ ....................................................63
Ҳайфу дареғи қаҳрамон ....................................................63
Оҳанги кабкрез....................................................65
Навҳаи Чашмаи Маҳҷон ....................................................65
Ёдкарди Дӯстмурод Алӣ ....................................................66
Мотам ....................................................67
Ҳасрати фирорӣ ....................................................67
Мастура ....................................................68
Аҷам ....................................................69
Тоҷик ....................................................70
Хушдор ....................................................72
Сафедорон ....................................................72
Сихинвал ....................................................73
Мухаммаси Наврӯзӣ ....................................................74
Тӯҳфаи арши барин ....................................................75
Нолаи ошиқи ноком ....................................................76
Гулханда кун, биболам ....................................................78
Куҷоӣ ту? ....................................................79
Фирдавсӣ ва шаби гирифтани моҳ ....................................................79
Падари сухан ....................................................81
Душанбе ....................................................81
Зишт ....................................................82
Накҳати гул ....................................................83
Андарзи модар ....................................................84
Ҳамроҳ ....................................................85
Баъди борон ....................................................85
Хирмани гул ....................................................86
Дутор ....................................................86
Гул ....................................................87

Барои шоире ....................................................... 88
Сангтӯда ............................................................ 88
Шамъи маҷлис ..................................................... 90
Файзобод ............................................................ 91
Худшинос ........................................................... 92
Дил ва офтоб ...................................................... 93
Офтоби адлу дод ................................................ 95
Лолаи доғ ........................................................... 96
Раҳкушо ............................................................. 97
Суратгар ............................................................ 97
Ба деҳқон ........................................................... 98
Кош ..................................................................... 99
Тӯтиё ................................................................. 100
Сад баҳор ояд агар ............................................ 100
Барои Искандар Лашкаров ................................ 101
Ёдкарди Пиримқул Сатторӣ ................................ 103
Дарвозаи бахту саодат ....................................... 103
Нури истиқлол ................................................... 106
Қадамгоҳи ёр ..................................................... 108
Наврӯзи ғамсӯз омадаст ..................................... 108
Достони накӯмарди Файзободӣ ......................... 110
ГУЛҶӮШИ НАВРӮЗӢ (дубайтиҳо – резаҳо)...... 113

**Исо Раҳим**

**ХАНДАИ ИШҚ**

*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши О.Шемелина
Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова

Ба матбаа 18.05.2010 супурда шуд.
Чопаш 21.05.2010 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 4.0 Андозаи 84х108 1/32.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар чопхонаи ______ ба табъ расидааст.